БА КУҶО РАВОНАМ

САФАРИ ОХИРАТ:
НАҚШАИ ОЯНДАИ МО




Доктор Ҷосим [ал-Мутавваъ]

ТАҲИЯИ:
О. Сафар

2008
ДУШАНБЕ

НАҚШАИ ОЯНДА





БА ҶОИ САРСӮХАН

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

الحمد لله رب العالمين والصلاة والسلام على أشرف المرسلين نبينا محمد ﷺ وبعد:

Барои ҳар як банда донистани ояндаи ҳақиқӣ лоиқи аҳамият додан мебошад ва аз ҷумлаи корҳои зарурӣ ба шумор меравад. Ва ин барои он аст, то омодагӣ бигирад ва худро тайёр намояд. Ин омодигӣ гирифтан, худро тайёр кардан ва нақшаи ояндаро дуруст кашидан, кори наве нест ва касеро ҳам ба таъаҷҷуб наёварад, зеро мардумро мебинем, ки барои дунёяшон ва ояндаи худ, ки аксаран шасту ҳафтод сол аст, ва каме аз мардум аз ин шумора мегузаранд, дар он нақшаҳо мекашанд. Дар ҳоле, ки ин дунё ва он замоне, ки мо дар он ба сар мебарем, агар ба нисбати ҳаёти ҳақиқӣ ва ояндаи ҳақиқӣ муқоиса карда шавад, ба як соате аз рӯзи он ҳам баробар намешавад, яъне ин ҳама умр муддати ниҳоят кӯтоҳро дар бар мегирад. Бо вуҷуди он мардум барои он омодагӣ мегиранд, нақшаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат мекашанд. Бинобар ин сазовор ва лоиқ аст барои як мӯъмини заковатманд, ки барои дунё ва охират нақшае дошта бошад. Аз ин рӯ марде ба Суфёни Саврӣ, (раҳимаҳуллоҳ) гуфт: Маро васияте кун.

Суфёни Саврӣ (раҳимаҳуллоҳ) фармуд: «**Барои дунё ба ҳамон андозаи боқи монаданат дар он амал кун, ва барои**

охират ба андозаи давомнокие, ки дар он қарор хоҳи дошт, амал намо, вассалом» (Вафиёту-л-аъён аз Ибни Халликон ҷ.2/287).

Ин буд роҳу равиши гузаштагони шоистаи мо, Худованд аз онҳо розӣ бод, дар боби нақшакашидан ва омодагӣ дидан…

Дар ин чанд сатре, ки ба тафсили андаке хоҳад омад, кӯшиш намудем, то масъалаи пешниҳодшаванда ва ба тариқи содаву мухтасар, бошад, то хонандаи он малол нашавад ва инчунин барои ӯ ҳифз намудани ин масоил осон гардад. Инчунин лозим ба тазаккур аст, ки ин ифодаҳое, ки пешкаш мегардад дар асл аз нусуси (матнҳои) Қуръони карим ва Суннати саҳеҳ бардошт карда шудаанд, ки агар хонанда мехоста бошад, то маълумоти бештару муфассалтар дар ин маврид барои худ касб намояд ба он сарчашмаҳое, ки ишора мешавад ва ба амокини онҳо руҷӯъ намояд ва ё аз донишмандон онҳоро бипурсад барояш равшантар ва баёни заёдтаре хоҳанд кард. Ва чӣ гуна, ки маълум аст, ин аз ҷумлаи беҳтарин ибодатҳо мебошад. Каъб –Худованд аз ӯ розӣ бод- дар ин маврид фармудааст: «*Касе мехоҳад шарафи охиратро дарёбад, пас бигузор андеша кунад, олиму донишманд мегардад*» (ал-Ъазамаҳ аз Исбаҳонӣ саҳ. 51). Ва имом Ҳасан (раҳимаҳуллоҳ) фармудаанд: «*Андеша кардани як соат беҳтар аз шабзиндадорӣ аст*». (Мифтоҳу-д-дори-с-саъодаҳ ҷ1/297), инҷо дар назар аст, андеша кардани дар бораи охират, оятҳои Худовандӣ ва амсоли инҳо. Ва мо аз Худованди мутаъол талаб мекунем, ки андеша кардан дар мавриди даҳшатҳои Қиёматро ба мо

рӯзӣ бигардонад ва мо тасаввур кунем, ки аз як истгоҳ ба дигаре мегузарем, шурӯъкунанда аз дунё ва интиҳоёбанда ба ҷаннат, пас ба ин сурат мо аз аҳли ин андеша мегардем. Бинобар ин аст, ки Муҳосабӣ (раҳимаҳуллоҳ) шогирдашро васият карда гуфтааст: «*Ва қаброро ба андешаат зиёрат кун ва дар ҳашр бо қалбат ҷавлон бизан*». (Рисолату-л-мустаршидин саҳ. 73).

Аз Худованди мутаъол масъалат (дархост) мекунем, ки моро аз аҳли охират бигардонад ва аз ҷумлаи касоне, ки барои он нақша мекашанд ва ба амал кардани барои он ва кишт намудан баҳри охират муваффақ мегарданд.

Тарҷумаи шеър:

Барои инсон хонае баъд аз марг вуҷуд надорад, ки дар он сукунат мекарда бошад,

Магар оне, ки онро пеш аз марг бино мекард.

Агар онро ба хайру некӣ бино карда бошад, пас маскани ӯ нек аст,

Ва агар онро ба бадӣ ва шарр бино карда бошад, бинокунандаи он навмеду шикастхӯрда гаштааст.

Нафс ба дунё майл мекунад ва дар ҳоле, ки ӯ медонад,

Ки парҳез кардани дар дунё, тарк кардани он чӣ дар он аст, мебошад.

Пас ту пояҳои тақворо бишинон, модоме, ки кӯшишкунанда ҳасти,

Ва бидон, ки ту онро баъд аз марг рӯ ба рӯ шаванда мебоши.

Дунё → Қабр → Дамидан дар сур[1] *→ Баъс*[2] *→ Ҳашр*[3] *→ Шафоат → Ҳисоб → Паридани саҳифаҳо → Мизон → Ҳавз → Имтиҳони мӯъминон → Сирот → Дӯзах → Қантара*[4] *→ Ҷаннат.*

[1] Исрофил (Сур - الصور): Шохи бузурге, ки фаришта Исрофил ба он медамад ё пуф мекунад.
[2] Баъс (Баъс - البعث): Зинда шудани мардумон баъд аз марг бо фармони Аллоҳ.
[3] Маҳшар (Маҳшар - المحشر): Ҷои ҷамъ шудани тамоми халоиқ дар рӯзи Қиёмат.
[4] Қантара (Қантара - القنطرة): Пули махсус байни Ҷаннат ва Дӯзах барои соф кардани дилҳои мӯъминон аз кинаҳо.



ҚАБР

Худованди мутаъол дар Қуръони карим фармудаанд: «**Агар бубинӣ, ки ситамгарон дар гирдобҳои марганд ва фариштагон дастҳои хешро кушода ва гӯянд: ҷонҳои хеш бароред, имрӯз ба гуноҳи он чӣ дар бораи Худо баноҳақ мегуфтед ва аз оятҳои вай гарданкашӣ мекардаед сазоятон ҷазои пастӣ ва хорӣ аст**» (*Сураи Анъом: ояти 93*).

Дар қабр кофир, мунофиқ ва мӯъмин азоб дода мешавад, аммо неъматҳои қабр бошанд, танҳо барои мӯъминонанд.

Мӯъмин дар қабраш ба сабаби нодонӣ ва ҷоҳил буданашон нисбат ба Худованд ва зоеъ кардани амри Ӯ Таъоло ва ба сабаби анҷом додани маъсиятҳо ва нофармонӣ намудан, азоб дода мешавад. Бинобар ин қабр ё боғе аз боғҳои ҷаннат мебошад, ё чуқурие аз чуқуриҳои дӯзах.

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баъзе маъсият ва нофармониҳое, ки ба сабаби онҳо мурда дар қабраш азоб дода мешавад, зикр намуданд, ки чанде аз онҳоро ин ҷо баён медорем:

1. **Худро аз пешоб комилан пок накардан**, ба ин маъно ки баъд аз қазои ҳоҷат наҷосат дар бадан ё либос боқӣ мемонад.

2. **Суханчинӣ ва хабаркашӣ намудан**, яъне алоқаи байни ду нафарро вайрон намудан бо дурӯғ ва ғайра.

3. **Ғулул**, яъне гирифтани чизе аз моли ғанимат баноҳақ.

4. **Дурӯғ гуфтан**. Паҳлӯҳои даҳонаш пора карда мешаванд, то ки ба пушти сараш мерасад.

5. **Дурӣ гирифтани аз Қуръон**. Сари ингуна шахс бо санг зада мешавад.

6. **Зинокорӣ кардан**. Ин гуна мардум ба воситаи таннур азоб дода мешаванд, ки аз таги онҳо оташ аланга мезанад ва онҳоро ба ҳам танг месозад, ки садои фарёди онҳо баландтару баландтар мешавад.

7. **Рибохорӣ**[5] намудан, ки мардум онро бо истилоҳи маъмулӣ «протсент» [рибо/суд] ном мебаранд. Дар наҳри хун шиновари мекунад ва ҳар вақте ба лаби он наҳр наздик мешавад, то аз он ҷо берун ояд ва худро наҷот диҳад, дар даҳонаш бо санге зада мешавад, ки дар натиҷа боз ба даруни он наҳр бармегардад.

8. **Қарздор будан**. Қарздор то замони адо шудани қарзаш аз ворид шудан ба Ҷаннат манъ шуда, дар ҳабс мемонад. Агар қарз дар дунё адо нашуда бошад, дар Охират аз савобҳои қарздор гирифта ба қарздиҳанда дода мешавад. Агар савобҳояш вафо накунанд, ба андозаи қарз аз гуноҳҳои

[5] Рибо (Рибо): Судхӯрӣ ва фоизхӯрӣ (протсент) дар муомилаҳои пулӣ, ки дар шариати Ислом сахт ҳаром ва боиси азоби қабр аст.

қарздиҳанда гирифта, бар дӯши қарздор гузошта мешавад ва ӯ ба ҳамон андоза азоб хоҳад кашид.

Чизҳое, ки сабаби наҷот аз азоби қабр мегарданд:

1- **Адои намоз**, доштани рӯза, додани закот ва анҷом додани корҳои хайр — аз қабили ростгӯӣ, силаи раҳм (пайвандӣ бо хешовандон, ҳатто бо ононе, ки алоқаро буридаанд) ва некиву эҳсон ба мардум.

2- **Ба Худованд паноҳ бурдан аз азоби қабр.**

Касоне, ки аз азоби қабр дар ҳимоят мемонанд:

1- **Шаҳид**. Аз азоби қабр паноҳ дода мешавад.

2- **Муробит**[6]. Шахсе, ки дар сарҳадҳои исломӣ барои ҳифзи дин ва ватан посбонӣ мекунад, то душман ба ин дину аҳли он рахна ва ҳамла накунад. Агар чунин шахс дар ҳолати посбонӣ (рибот) ва дар роҳи Худо бимирад, аз фитнаи қабр[7] дар амон мемонад.

3- **Касе, ки дар рӯзи ҷумъа вафот мекунад**. Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: «Ягон мусалмон дар рӯзи ҷумъа вафот намекунад, магар ин ки Аллоҳ таъоло ӯро аз фитнаи қабр ҳимоят менамояд» ривояти Аҳмад ва Тирмизӣ.

[6] Муробит (Муробит): Посбон ва ҳимоятгаре, ки дар сарҳадҳои кишвари исломӣ барои ҳифзи дин, Ватан ва мардуми мусалмон посбонӣ мекунад.
[7] Фитнаи қабр: Саволу ҷавоби ду фариштa (Мункар ва Накир) ва аввалин имтиҳони инсон пас аз ворид шудан ба қабр.

4- **Касе, ки бо дарди шикам вафот мекунад**. Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: «Касе, ки бемории шикам боиси маргаш мегардад (яъне ба сабаби бемории шикам вафот мекунад), дар қабраш ҳаргиз азоб дода намешавад». *(Ривояти Насоӣ ва Тирмизӣ; [Имом Тирмизӣ] ин ҳадисро ҳасан шуморидааст).*

ДАМИДАНИ ДАР СУР

Дамидан дар ин ҷо ба маънои пуф кардан аст. Ва Сур бошад, шох (буқ)-и бузурге аст, ки онро фаришта Исрофил (алайҳиссалом) дар даҳон гирифта, интизорӣ мекашад, ки кай ба ӯ барои дамидан амр карда мешавад.

Адади дамиданҳо (дар Сур):

1. Дамидани ҳавлу тарс (ва беҳушӣ): Мардум ба ҳавлу тарс меафтанд ва аз ҳуш мераванд, магар касе, ки Худованд хоста бошад. Худованди Мутаол мефармояд: **«Ва дар Сур дамида шавад, пас ҳар кӣ дар осмонҳо ва ҳар кӣ дар замин аст, аз ҳуш биравад (бимирад), магар он чӣ Худо хоҳад...»** *(Сураи Зумар, ояти 68)*.

Яъне дар ин ҷо касоне ҳастанд, ки аз соъиқа[8] ва беҳуш шудан истисно мешаванд. Дар ҳадисе, ки баъдтар хоҳад омад, Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: *«Намедонам, Мусо (алайҳиссалом) аз касоне буд, ки аз ҳуш рафтаву пеш аз ман ба ҳуш омадааст, ё аз ҷумлаи касоне аст, ки (аз ин беҳушӣ) истисно шудаанд»*. Ва баъзе аз донишмандон гуфтаанд, ки Мусо (алайҳиссалом) аз он рӯ дар ин ҷо аз ҳуш намеравад, ки ӯ як бор дар кӯҳи Тур

[8] Соиқа ва саъқа (الصَّعْقَة): Беҳуш шудан ё мурдан аз тарсу даҳшати овози баланди Сур, ки дар дамидани аввал рух медиҳад.

ба сабаби соъиқа аз ҳуш рафта буд — ҳамон вақте ки аз Худованд хост, то Ӯро бубинад.

2. Дамидани баъс (барангехта шудан ва зинда шудан): Мардум аз қабрҳояшон бармехезанд. Худованд мефармояд: **«Ва дар Сур дамида шавад, пас ногаҳон онҳо аз қабрҳо ба сӯи Парвардигорашон мешитобанд»** *(Сураи Ёсин, ояти 51).*

Чӣ гуна аз неъматҳо баҳра бардорем?

Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: *«Чӣ гуна аз неъматҳо баҳра бардорам, дар ҳоле ки соҳиби Сур (шох) онро ба даҳон гирифта, пешонаашро хам сохта ва гӯш ба фармон мунтазир аст, то ба ӯ амри дамидан шавад ва бидамад?»* Саҳобагон пурсиданд: «Эй Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам), мо чӣ бигӯем?» Фармуданд: *«Бигӯед:* ***«Ҳасбуналлоҳу ва ниъмал-вакил, таваккално ъалаллоҳи Раббино»*** *(Аллоҳ барои мо басанда аст ва Ӯ беҳтарин вакил аст, бар Парвардигорамон таваккул кардем)». (Силсилаи ҳадисҳои саҳеҳ, 3/66).*

Аз Абӯҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят шудааст, ки Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: *«Чашмони соҳиби Сур аз ҳамон лаҳзае, ки ба ин кор муваззаф гардидааст, омода буда, ба тарафи Арш*[9] *нигоҳ мекунанд; аз тарси он ки мабодо пеш аз мижа задани ӯ фармони дамидан бирасад (яъне ҳатто мижа барҳам намезанад, то мабодо дар анҷоми фармон таъхир шавад).*

[9] **Арш (الْعَرْش):** Бузургтарин махлуқи Аллоҳ таоло ва сақфи тамоми мавҷудот, ки чашмони фариштаи Исрофил (алайҳиссалом) ҳамеша ба сӯи он дӯхта шудаанд.

Чашмони ӯ монанди ду ситораи дурахшонанд». (Ҳоким ва Заҳабӣ ин ҳадисро саҳеҳ шуморидаанд; Силсилаи ҳадисҳои саҳеҳ, 3/65).

Дар Сур кай дамида мешавад?

Дар рӯзи ҷумъа, ба далели гуфтаи Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам): *«Рӯзи Қиёмат танҳо дар рӯзи ҷумъа барпо мешавад». (Мишкотул-масобеҳ, 1/428)*

Ва дар ҳадиси дигар омадааст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар доданд: Қиёмат дар рӯзи ҷумъа барпо мешавад ва низ бандагон дар ҳамон рӯз барангехта мешаванд. Аз Авс ибни Авс (разияллоҳу анҳу) ривоят шудааст, ки Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: *«Афзалтарин рӯзҳои шумо рӯзи ҷумъа аст; дар он Одам (алайҳиссалом) офарида шуд, дар он ҷонаш гирифта шуд, дамидани Сур дар он рӯз аст ва аз ҳуш рафтан (соъиқа) низ дар он рӯз мебошад. Пас дар ин рӯз бар ман салавот фиристоданро зиёд кунед, зеро салавоти шумо бар ман пешкаш карда мешавад». (Ривояти Абӯдовуд, Насоӣ, Ибни Моҷа ва Байҳақӣ)*

Муддати байни дамидани аввал то дуюм чӣ қадар аст?

Аз Абӯҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят шудааст, ки Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: *«Мобайни ду дамидан (-и Сур) чиҳил аст».* Саҳобагон пурсиданд: «Эй Абӯҳурайра, чиҳил рӯз?» Гуфт: «Худдорӣ кардам (аз посух)». Пурсиданд: «Чиҳил моҳ?» Гуфт: «Худдорӣ

кардам». Пурсиданд: «Чиҳил сол?» Гуфт: «Худдорӣ кардам».

(Яъне танҳо мутлақи адади чиҳил зикр шудааст, аммо чиҳил рӯз аст, ё ҳафта, ё моҳ, ё сол — замони дақиқаш муайян нагардидааст. Ривояти Бухорӣ).

Бороне, ки пеш аз дамидани дуюм меборад:

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: *«...Сипас Аллоҳ таъоло бороне нозил мекунад, ки гӯё борони андак ё шабнам аст, пас аз он (Аллоҳ) ҷисмҳои мардумро мерӯёнад (монанди набот мерӯянд). Сипас бори дигар дар Сур дамида мешавад ва ногаҳон мебинанд, ки онҳо барпо истодаву нигоҳ мекунанд». (Ривояти Муслим)*

БАЪС (БАРАНГЕХТАН)

Баъс (اَلْبَعْثُ) — Зинда гардонидани мурдагон ва берун овардани онҳо аз қабрҳо дар рӯзи Қиёмат аст, ки тавассути баргардонидани ҷисмҳои аслии аввалия ва дамидани дубораи рӯҳ ба онҳо (пас аз дамидани дувуми Сур) ба хотири ҳисобу китоб ва ҷазою савоб сурат мегирад.

Аллоҳ таъоло фармудааст: **«Рӯзе, ки Худованд ҳамаи онҳоро (аз қабрҳо) барангехта ва зинда мегардонад, пас онҳоро аз он чӣ амал кардаанд, хабар медиҳад. Худованд (тамоми) аъмоли онҳоро ҳисоб карда ва нигоҳ доштааст, вале худашон онро фаромӯш кардаанд; ва Худованд бар ҳар чиз гувоҳ аст»**. (*Сураи Муҷодала, ояти 6*).

Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: «Ҳар банда бар он чизе, ки бар он вафот кардааст, барангехта мешавад». (*Ривояти Муслим*).

Хусусиятҳои инсон дар рӯзи Баъс:

Инсон бо офариниши наве халқ карда мешавад, ки дорои хусусиятҳои нав аст, ба монанди ин ки дигар намемирад - чӣ қадар мусибат бирасад, ё азоб дода шавад ҳам – ва инчунин қудрати қобилияти дидани фариштагон ва ҷинҳо ба ӯ дода мешавад.

Аввалин касе, ки замин аз рӯи ӯ шикофта мешавад:

Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: «Ман сайиди фарзандони Одам дар рӯзи Қиёмат мебошам ва аввалин касе ҳастам, ки замин аз рӯи ӯ шикофта (кушода) мешавад…» (*ривояти Муслим*).

Ва низ Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: «… Маро бар Мусо беҳтар нагузоред, мардум аз ҳуш мераванд ва ман аввалин касе мебошам, ки ба ҳуш меоям. Дар ин ҳолат мебинам, ки Мусо паҳлӯи Аршро гирифта (дошта) истодааст. Намедонам, ки оё аз касоне буд, ки ҳушаш рафтаву сипас ба ҳуш омадааст, ё аз ҷумлаи касоне аст, ки Аллоҳ ъазза ва ҷалла онҳоро истисно намудааст». (*ривояти Бухорӣ*).

Сифати Баъс:

Мардум аз қабрҳояшон **урён [бараҳна]**, бе кафш ва ғурло **(хатнаношуда)**[10] мабъус мегарданд. Аллоҳ таъоло мефармояд: «**Чуноне, ки офаринишро аз аввал падид овардем, дубора онро иъода (баргардонда) мекунем, ки кори мо чунин аст**». (*Сураи Анбиё: ояти 104*).

Касе, ки дар ҳолати иҳром вафот карда бошад, талбиягӯён мабъус мешавад ва шаҳид дар ҳоле мабъус мегардад, ки аз ҷароҳаташ хун мечаҳад - рангаш ранги хун асту бӯяш бӯи мушк. Талқин намудани калимаи шаҳодат бар инсони дар

[10] **Ғурло (غُرْلَةٌ):** Хатнаношуда. Яъне инсонҳо рӯзи Қиёмат маҳз ба ҳамон шакле, ки аз модар таваллуд шуда буданд, зинда мешаванд.

ҳоли ҷондодан мустаҳаб мебошад, то бар он барангехта шавад ва аз аҳли ҷаннат гардад.

Нашъунамои инсон:

Инсон дар рӯзи охир аз устухони хурде, ки **аҷбу-з-занаб**[11], номида мешавад, пайдо мегардад. Ва ин вақте ҳосил мешавад, ки ба он об мерасад, нашъунамо меёбад, ҳамчуноне ки Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: «… Сипас аз осмон обе фурӯд меояд ва онҳо мерӯянд, ҳамчуноне ки бақл (гиёҳҳои аз дона мерӯидагӣ) мерӯяд. Дар инсон чизе боқӣ наметонад, магар ин ки ҳама мепӯсад, ба ҷуз як устухон ва он аҷбуз-занаб аст. Мардум дар рӯзи Қиёмат аз он таркиб дода мешаванд». (ривоят Муслим).

Ҷасадҳои паёмбарон намепӯсанд:

Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: «Ҳамоно Аллоҳ таъоло бар замин ҳаром гардонидааст, ки ҷасадҳои паёмбаронро бихӯрад (бипӯсонад)». (ривояти Ибни Моҷа, (ҳадси рақами 1636 бо ривояти Авс бин Авс), Абӯдовуд, Насоӣ, Доримӣ ва Мустадраки Ҳоким).

[11] **Аҷбу-з-занаб (عَجْبُ الذَّنَب):** Устухони хеле хурд дар охири сутунмӯҳраи инсон (дунболача), ки ҳеҷ гоҳ дар хок намепӯсад ва инсон рӯзи Қиёмат аз он дубора рӯёнида мешавад.



ҲАШР

Ҳашр: Ҷамъ омадани тамоми махлуқот дар рӯзи Қиёмат барои ҳисоб гирифтан ва ҳукм кардан дар байни онҳо.

Умумияти Ҳашр:

Аллоҳ таъоло мафармояд: ***«...ва ҳамаи онҳоро ҷамъ ва ҳашр кунем, пас ҳеҷ касе аз онҳоро раҳо ва тарк нахоҳем кард».*** (*Сураи Каҳф, ояти 47*).”

Замини Ҳашр:

Аллоҳ таъоло мефармояд: **«Рӯзе, ки замин, ба замини дигар ва осмонҳо низ (ба осмонҳои дигар) мубаддал (дигаргун) шаванд ва (мардум) дар пешгоҳи Худои ягонаи муқтадир ҳозир гарданд»**. (*Сураи Иброҳим: 48*).

Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз шакли он замин ба мо хабар дода фармудаанд: «Мардум дар рӯзи Қиёмат дар замини сафеду ҳамвор, ба монанди як курси поке, ки дар он барои касе нишонае (кӯҳ, дарра ё аломате) нест, ҳашр (ҷамъ) карда мешаванд». (ривояти Бухорӣ).

Ҳоли мардум дар ин рӯз:

Аллоҳ таъоло мефармояд: **«Эй мардум! Аз Парвардигоратон битарсед, ки ба дурустӣ зилзилаи рӯзи Қиёмат ҳодисаест бисёр бузург. Рӯзе, ки онро бубинед,**

ҳар зани ширдеҳ (аз шиддати ваҳшати он) ширхораашро аз ёд мебарад ва ҳар зани бордор бори хешро меандозад. Ва мардумро маст мебинӣ, дар ҳоле ки маст нестанд, балки азоби Худованд сахту шиддатбор аст». (*Сураи Ҳаҷ, оятҳои 1-2*).

Ва низ мефармояд: «**Дилҳое дар он рӯз сахт ҳаросонанд. Дидагони соҳибони он дилҳо (аз шарму тарс) афтода бошанд**». (*Сураи Нозиъот: оятҳои 8-9*).

Ҳамчунин Аллоҳ таъоло мефармояд: «**Пас вақте он сайҳаи шадиди осмонӣ (овози даҳшатнок) биёяд. Ва рӯзе расад, ки ҳар кас аз бародараш ҳам фирор мекунад. Ва аз модар ва падараш. Ва аз ҳамсар ва фарзандонаш. Дар он рӯз ҳар кас онқадар гирифтор аст, ки ба ёди ғайри худаш намеафтад**». (*Сураи Абаса: оятҳои 33-37*).

Муддати ва тӯли он рӯз:

Аллоҳ таъоло мефармояд: «**Фариштаҳо ва Рӯҳ (Ҷибриил) дар рӯзе, ки миқдори он панҷоҳ ҳазор (50.000) сол аст, (яъне дар рӯзи Қиёмат) ба сӯи Ӯ ъуруҷ мекунанд (боло мераванд, мебароянд, яъне ба боло мераванд ба сурати майл кунон ба як тараф ва болораванда)**». (*Сураи Маъориҷ: ояти 4*).

Аз сабаби тӯлонӣ ва сахт будани ин рӯз (Қиёмат), мардум чунон гумон мекунанд, ки гӯё дар ин дунё ҷуз соате аз як рӯз бештар наистодаанд ва умри дунё барояшон бисёр кӯтоҳ менамояд, «**Ва рӯзе онҳоро маҳшур (ҷамъ) мегардонад,**

гуё ин ки онҳо ҷуз соате аз рӯз (дар дунё) наистодаанд». (*Сураи Юнус: ояти 45*).

«Ва рӯзе, ки Қиёмат барпо мешавад, гунаҳкорон қасам мехӯранд, ки ҷуз соате (дар дунё) наистодаанд». (*Сураи Рум: ояти 55*).

Васфи ин рӯз дар каломи Аллоҳ таъоло:

Аллоҳ таъоло мефармоянд: **«Ин мардум зиндагии зудгузари дунёро дӯст медоранд. Ва он рӯзи сахту сангинро (Қиёматро) ба куллӣ пушти сар меандозанд (аз ёд мебаранд)**». (*Сураи Инсон: ояти 27*).

«Пас онгоҳ, ки нафхаи сури Қиёмат дамида шавад, дигар нисбат ва хешовандӣ дар миёнашон намонад ва касе аз каси дигар ҳол намепурсад». (Сураи Мӯъминун: ояти 101).

«Оё онҳо намедонанд, ки дар рӯзи ниҳоят бузурге мабъус (зинда) хоҳанд шуд? Рӯзе, ки мардум ба фармони (дар пешгоҳи) Парвардигори ҷаҳониён меистанд». (*Сураи Мутаффифин: оятҳои 4-6*).

БАЪЗЕ НИШОНАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ҚИЁМАТ

Дар қабза будани замин ва дар зери тасаллут (тасарруф) ва қудрат қарор гирифтани осмон.

Худованди мутаъол дар ин маврид мефармояд: **«Аллоҳро чунон ки сазовори Ӯст арҷ наниҳодаанд (нашинохтаанд); ҳол он ки дар рӯзи Қиёмат замин яксара дар қабзаи Ӯст ва осмонҳо дар дасти Вай дарҳампечида хоҳад шуд. Поку мунназаҳ аст Аллоҳ таъоло ва аз он чӣ бар Вай шарик месозанд, бартар (баландмартаба) аст».** (*Сураи Зумар: ояти 67*).

Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: «Аллоҳ таъоло осмонҳоро дар рӯзи Қиёмат мепечонад, сипас онҳоро бо дасти росташ (ва ҳарду дасти Ӯ ростанд) мегирад, сипас мефармояд: Ман Малик (Подшоҳ) ҳастам! Саркашон дар куҷоянд? Мутакаббирон дар куҷоянд?» (Мишкотул масобиҳ).

Яъне ин оёту ҳадисҳо бар он далолат мекунад, ки ҳама чиз – чӣ замин ва чӣ осмонҳо - ҳама дар зери тасарруф ва султаву ҳокимияти ягонаи Аллоҳ мебошанд ва касе дар он рӯз наметавонад даъвои шарикӣ намояд.

Куфта шудани замин: «Пас, он гоҳ ки дар Сур як бор дамида шавад. Ва замину кӯҳҳо аз ҷойи худ бардошта шаванд, сипас ҳарду бо як бор кӯфтан (ва бархӯрд) ҳамвор ва заминларза шаванд». (*Сураи Ҳоққа, оятҳои 13-14*).

Аз реша баркандани кӯҳҳо:

«Аз ту дар бораи кӯҳҳо мепурсанд, бигӯ: Парвардигорам онҳоро ба куллӣ зеру забар ва суфта (пароканда) мекунад. Сипас заминро паҳну ҳамвор вогузорад, ки дар он на пастӣ ва на баландие мебинӣ» *(Сураи Тоҳо, оятҳои 105-107).*

Муттасил ва пайванд шудани дарёҳо ба ҳам:

«Ва он гоҳ, ки дарёҳо ба ҳам муттасил (ва ҷорӣ) шаванд» *(Сураи Инфитор, ояти 3). (Яъне монеаҳо аз байни онҳо бардошта шуда, дарёҳои ширин бо шӯр якҷо мегарданд).*

Шикофтани осмонҳо:

«Рӯзе, ки осмон (чун дуд) ба ҳаракат дармеояд» *(Сураи Тӯр, ояти 9).*

«Пас рӯзе, ки осмон шикофта шавад, он вақт монанди рӯғани доғшуда сурх (ва гулгун) мегардад» *(Сураи Раҳмон, ояти 37).*

Дар ҳам печидани офтоб:

«Замоне, ки офтоб дар ҳам печида шавад» *(Сураи Таквир, ояти 1). (Яъне ҷамъ карда шуда, равшаниаш бекор мегардад).*

Афтодани ситорагон:

«Ва он гоҳ, ки ситорагон пароканда шаванд (ва бирезанд)» *(Сураи Инфитор, ояти 2)*.

Гирифтани офтобу моҳ:

«Пас рӯзе, ки чашмҳо аз ваҳшату ҳавл хира бимонад. Ва моҳтоб торик шавад. Ва офтобу моҳ якҷо ҷамъ карда шаванд» *(Сураи Қиёмат, оятҳои 7-9).*

Наздик шудани офтоб:

Офтоб дар ин рӯз ба миқдори як мил ба сари мардум наздик мегардад. Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: *«Мардум ба миқдори амалҳояшон дар арақ (ғарқ) мебошанд; баъзе аз онҳо то ба буҷули пой дар арақ мебошанд, баъзеашон то ба зону, баъзеашон то ба миён ва баъзеро арақ лиҷом мезанад (то ба даҳонашон мерасад)»*. Ва Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бо дасташон ба даҳонашон ишора намуданд. *(Ривояти Муслим)*.

(Агар дар он рӯз мардум ба офариниши наве мубаддал нагардида, қобили фано мебуданд, аз ин гармо ҳама об мешуданд).

Низоъу ҷидол (баҳсу мунозира) намудан:

Дар ин рӯз заъифону нотавонон (касоне, ки одамони оддӣ ва қаторӣ буданд) бо мутакаббирон (касоне, ки худро дар дунё калонҳо мегирифтанд ва дар асл онҳо сазовори инро надоштанд) ба низоъ ва ҷидол мепардозанд. Кофир бо қаринаш (шайтони ҳамнишинаш) ва аъзои баданаш, низоъ ва ҷидол менамояд ва баъзеашон баъзеи дигарро лаънат мехонанд. Золим ангуштони худро мегазад ва мегӯяд: Эй кошки ман фалон нафарро дӯсту рафиқ намегирифтам! Орзу меку-

над, ки Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) -ро, дар он рӯз, пайравӣ мекард ва аз ҷумлаи умматони он мешуд ва аз асҳобаш ва дӯстдоронаш мегашт.

Хутбаи Иблис:

Дар ин рӯз Иблис хутба (хитоба) мекунад ва мегӯяд: "**Ва ҳамин ки кор хотима пазируфт, шайтон мегӯяд: Худо ба шумо ваъдаи дуруст дод. Ва ман низ ба шумо ваъда (-и ботил ва беасос) додам ва ба он хилоф кардам. Ман бар шумо тасаллуту ҳокимияте надоштам, ҷуз ин ки даъвататон кардам ва шумо қабул кардед. Пас маро маломат накунед, балки худатонро маломат кунед! Ман фарёдраси шумо нестам ва шумо низ фарёдраси ман нестед. Ман он ширкатеро, ки пеш аз ин (дар кору ибодати Худо) бароям қоил будед инкор дорам. Ба дурустӣ, ки барои ситамгорон азобе дарднок аст**". (*Сураи Иброҳим: ояти 22*).

БАЪЗЕ НИШОНАҲОИ ҚИЁМАТ

Ҳоли кофир:

Аллоҳ таъоло мефармояд: **«Бо ин ки дӯстонро ба дӯстон нишон медиҳанд, муҷрим (гунаҳкор) орзу мекунад, ки эй кош мешуд, то фарзандонашро дар баробари азоби он рӯз фидо кунад. Ва ҳамсару бародарашро. Ва хешовандонеро, ки ӯро паноҳ медоданд. Ва балки ҳамаи мардуми рӯи заминро фидо кунад, то худаш аз азоб наҷот пайдо намояд!»** *(Сураи Маъорич, оятҳои 11-14).*

Ин ҳолат дар вақте рух медиҳад, ки Ҷаҳаннам бо ҳафтод ҳазор занҷир, ки бар ҳар занҷире ҳафтод ҳазор фариштa муваззаф гардидааст, кашида оварда мешавад. Кофир инро бо чашмони сари худ мебинад. Хешу табор ва касоне, ки дар дунё ба онҳо алоқае дошт, ба ӯ нишон дода мешаванд ва ҳамдигарро мебинанд; вале аз ҳавлу даҳшати он рӯз ҳатто аз ҳоли якдигар пурсон намешаванд — на падар аз фарзанду зан ва на онҳо аз дигарон. Дар ин ҳолат аст, ки ӯ андеша мекунад, чӣ гуна худашро аз ин азоби дарднок наҷот диҳад. Вале барои ин наҷот гумон мекунад, ки дар ивази худ бояд фидое анҷом диҳад ва он фидо киҳо бошанд? Пас ба чунин қарор мерасад ва танҳо орзу мекунад, ки эй кош наздикони худро фидо мекарду худ наҷот меёфт.

Ин аст, ки ҳоли кофир дар ҳолати хориву зиллат ва ҳасрат хӯрдан мебошад: **«Кофирон мегӯянд: Ин рӯзи сахте асту сангин!»** *(Сураи Қамар, ояти 8)*. Маргро орзу мекунад ва ба ҳама гуна пастӣ розӣ аст: **«Ва кофир мегӯяд: Эй кош, ман хок мебудам!»** *(Сураи Набаъ, ояти 40)*. Вале ҳайҳот, ин орзуҳо хеле дуру номумкинанд.

Ҳоли мӯъминони нофармонбардор:

Дар насус (матнҳои шаръӣ) баъзе гуноҳон номбар шудаанд, ки мӯъмин дар ин рӯз ба сабаби онҳо азоб дода мешавад. Аз ҷумла:

1. **Касоне, ки закоташонро адо намекунанд:** Молаш барояш ба шакли мори заҳрноке намудор мегардад, ки дар болои чашмонаш ду нуқтаи сиёҳ дорад ва гардани ӯро печида мегирад. Ё молаш ба шакли варақҳои паҳни оташин гардонида шуда, ба он азоб дода мешавад.

2. Мутакаббирон: Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: *«Мутакаббирон дар рӯзи Қиёмат ба монанди зарраҳо (мӯрчаҳои хурд) дар сурати мардон баргехта ва ҳозир карда мешаванд, ки хориву пастӣ аз ҳама тараф онҳоро фаро мегирад». (Мишкотул-масобеҳ, 2/635)*

3. Гуноҳоне, ки Аллоҳ таъоло бо соҳибони онҳо сухан намегӯяд ва онҳоро аз палидиҳо ва разолатҳо пок намесозад:

- Касоне, ки он чӣ Худованд фурӯ фиристодааст, пинҳон медоранд (соҳибилме, ки илмро пинҳон медорад ва ҳақиқатро ба мардум намерасонад).
- Касоне, ки қасами дурӯғ мехӯранд, то моли дунёро ба даст оранд.
- Миннаткунанда баъди хайр кардан.
- Марде, ки бо пешвояш аҳд пайваста, танҳо дар сурати гирифтани моли дунё ба аҳдаш вафо мекунад, вале агар ба ӯ чизе надиҳад, ба аҳдаш вафо намекунад.
- Инсоне, ки мусофири оҷизу дар роҳ мондаро аз оби зиёдатии худ маҳрум месозад.

- Пирсоли зинокор, подшоҳи дурӯғгӯ ва камбағали мутакаббир.
- Оқи падару модар – касе, ки ба падару модар нофармонӣ карда, онҳоро ба ин сабаб меранҷонад.
- Зане, ки худро ба мардон монанд мекунад.
- Даюс (беғайрат) – касе, ки бадиро (мухолифати таълимот ва муқаррароти шаръиро дар муносибат ба номаҳрамҳо) дар аҳли худ мебинад ва хомӯш меистад.
- Касе, ки бо ҳамсараш аз роҳи ғайритабиӣ (аз пушт) муҷомиат мекунад.

Касе, ки либосҳояшро аз рӯи такаббур ба замин кашида роҳ меравад (исбол).

4. Сарватмандоне, ки аз молашон баҳрабардорӣ мекунанд: Магар касоне, ки молашонро ба дасти росту чап ва аз пешу пушт дар роҳҳои хайр ва ба соҳибони ҳуқуқ нафақа кардаанд.

5. Хиёнаткор: Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: *«Вақте ки Аллоҳ таъоло аввалин ва охиринро дар рӯзи Қиёмат ҷамъ мекунад, барои ҳар як хиёнаткор парчаме (байрақи расвокунанда) мебардорад ва гуфта мешавад: Ин хиёнати фалонӣ писари фалонӣ аст». (Ривояти Муслим).*

6. Ғулул[12]: (дуздии ғанимат), ғасбкунандаи замин (касе, ки замини касеро ба зӯрӣ мегирад**) ва одами дурӯя:**

Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: *«Бадтарини мардумон дар рӯзи Қиёмат дурӯяро меёбед; касе, ки ба назди қавме ба як рӯй меояд ва назди қавми*

[12] Ғулул (الْغُلُول): Пинҳонӣ гирифтани чизе аз моли ғанимати ҷангӣ пеш аз тақсими он, ки аз гуноҳони кабира ба шумор меравад.

дигаре ба рӯи дигар». (Мишкотул-масобеҳ, 2/578).

7. Ҳокиме, ки аз раъияташ, ки муҳтоҷанд худро мепӯшонад.

8. Касе, ки **бо вуҷуди бениёз буданаш гадоӣ мекунад**.

9. Касе, ки **ба тарафи қибла туф мекунад**

10. Ва касе **бардрӯғ хоберо мебофад** ва мегӯяд, ки чунин хоб дидам, ки дар асл ин хобро надидааст.

Ҳоли тақводорон:

Аммо тақводоронро ин рӯз наметарсонад ва ноором намесозад, балки барояшон ба монанди замони як намози фарзӣ, ба монанди намози пешин ё аср, сабук мегузарад.

Аллоҳ таъоло мефармояд: **«Ҳамчуноне ки барои онҳо аз ҷониби Мо ваъдаи некӣ рафтааст, аз Ҷаҳаннам дур нигоҳ дошта мешаванд. Онҳо ҳатто овоз ва замзамаи оташро нашунаванд ва дар он чӣ дилҳояшон бихоҳад, ҷовидонанд. Ваҳшати бузурги Қиёмат ғамгинашон насозад ва фариштагон ба истиқболашон омада мегӯянд: Ин ҳамон рӯзест, ки ба шумо ваъда дода мешуд!»** *(Сураи Анбиё, оятҳои 101-103).*

«Фазаъи акбар», ки дар ин оят омадааст, ба маънои тарсу ваҳшати бузурги Қиёмат ҳангоми зинда гардонидан аз қабрҳо ва ҷамъ шудан дар маҳшаргоҳ аст. Дар он лаҳза ни-докунандае садо медиҳад: **«Огоҳ бошед, ки бар дӯстони Худованд ҳеҷ тарсе нест ва онҳо андӯҳгин намешаванд!»** *(Сураи Юнус, ояти 62).*

Амалҳое, ки барои ту дар он рӯз манфиат мебахшанд:

- Ҳангоми дар азоб будани мардумон ва наздик гардидани офтоб бар болои сари тамоми халқ, ба андозаи як мил, ҳафт гурӯҳанд (аз мардум), ки дар сояи Арш қарор мегиранд, ки инҳоянд:

1. Имоми одил (яъне подшоҳи адолатпеша).
2. Ҷавоне, ки дар ибодати Парвардигораш нашъу намо ёфтааст.
3. Марде, ки дилаш ба масҷидҳо баста аст, ки кай вақти намоз шавад, то ӯ ба намоз биравад.
4. Нафақакунандаи панҳонӣ, ки касеро ба нафақаи кардааш огоҳ намесозад.
5. Касе, ки тарси Худованд дар байни ӯ ва байни воқеъ шудани дар фитнаи занҳо, монеъ мешавад.
6. Ду нафаре, ки танҳо ба хотири ҷалоли Худовандӣ ҳамдигарро дӯст медоранд. (*Яъне дӯстии онҳо барои Худованд аст на барои манфиатҳои дунё ва дигар манфиатҳо*).
7. Шахсе, ки Худоро дар танҳоӣ ба ёд меорад ва аз чашмонаш об мерезад.

(Ва ба инҳо изофа карда мешавад, мӯҳлатдиҳанда барои касе, ки дар ҳолати тангдастӣ аст ва наметавонад, ки қарзашро дар ҳоли ҳозир адо намояд, вале умед аст, ки вақте ҳолаташ хуб шуд албатта адо мекунад).

- **Дур кардани андӯҳ аз муъмин:**

Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: *«Касе, ки аз мӯъмине андак душворие аз душвориҳои дунёро дур кунад, Аллоҳ таъоло аз ӯ душвориеро аз душвориҳои рӯзи*

Қиёмат дур месозад». (Мишкотул-масобеҳ, 1/71).

- **Гузашт кардан аз қарздор:**

Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: *«Марде буд, ки ба мардум қарз медод ва ба хизматгораш мегуфт: Чун ба назди қарздори тангдасте рафтӣ, аз ӯ гузашт кун, шояд Худованд низ аз мо бигузарад. Чун бо Худованд рӯ ба рӯ гашт, Худованд аз ӯ гузашт намуд». (Мишкотул-масобеҳ, 2/108).*

- **Адолатпешагӣ:**

Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд:

«Ба дурустӣ ки адолатпешагон дар назди Худованд бар минбарҳое аз нур ҳастанд, дар тарафи рости (Худои) Раҳмони Азза ва Ҷалла — ва ҳар ду дасти Ӯ рост (муборак ва бобаракат) аст — онҳое, ки дар ҳукми худ ва дар мавриди аҳли оилаи худ ва дар он чӣ бар он вилоят (сарпарастӣ ва роҳбарӣ) доранд, адолат мекунанд». . (Ривояти Муслим).

Муробитат (посбонии сарҳад) ва шаҳодат:

Шаҳидон ва муробитон (посбонони сарҳади исломӣ) аз даҳшати бузурги Қиёмат дар амон мемонанд.

- Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: *“Шаҳид дар назди Худованд шаш хислат (имтиёзу фазилат) дорад: ... ва аз даҳшати бузӯрги (рӯзи) Қиёмат дар амон мемонанд...”. (Мишкотул масобиҳ 2-358).*

- Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: "*Касе, ки дар ҳоли муробитӣ (дар посбонии сарҳад ва дин) дар роҳи Худо вафот кард:..., ва Худованд рӯзи Қиёмат озодшуда ва амн аз даҳшати бузӯрг (фазаъи акбар) ӯро бармеангезад.". (Саҳеҳи Ҷомеъус сағир 2-171).*

- **Фурӯ бурдани ғазаб:**

Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: *"Касе, ки хашмро фурӯ барад, дар ҳоле, ки метавонист онро амалӣ намояд, Аллоҳ таъоло ӯро, дар рӯзи Қиёмат, бар сари тамоми мардумон мехонад, то ҷое ки ӯро ихтиёр медиҳад, ки кадоме аз ҳӯри ъайнро бихоҳад, бигирад". (Мишкотул масобиҳ 2-631).*

- **Озод кардани банда, азон гуфтан ва пир шудан дар Ислом:**

Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: *«Касе, ки як гардани (банда ё ғуломи) мусалмонро озод намояд, пас он (бандаи озодшуда) фидои (василаи наҷот ва озодии) ӯ аз оташи дӯзах мебошад». (ривояти Аҳмад).*

Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: "*Азондиҳандагон гардандарозтарини мардумон дар рӯзи Қиёмат мебошанд". (ривояти Муслим).*

Ин яке аз фазилатҳои азон аст, ки ба гӯяндаи он бармегардад. Метвон ин ҷо фазилати дигареро низ овард, ки ин аст: Барои дур кардани шайтон аз кӯдаки навзод азон ва қомат дарҳол баъди лаҳзаи таваллуд шуданаш, гуфта мешавад,

зеро ин кор намегузорад, ки шайтон он сӯзани (сӯзандорӯи) заҳрогини худро дар бадани кӯдак бихалонад, ки таъсираш дар тамоми ҳаёт дар вуҷуди он кӯдак боқӣ бимонад. Ва инчунин вақте азон гуфта мешавад, то ҷое, ки садои он мерасад, шайтон то ба он ҷо наздик намешавад. Вале дар ҷое, ки азон шунида нашавад, шайтон ҷои гашту гузори хубе барои худ пайдо хоҳад кард, ки дар натиҷа мардумро ба домаш кашидан хело осон хоҳад шуд.

Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: *“Касе як мӯяшро дар Ислом сафед кард барои ӯ дар рӯзи Қиёмат нуре мебошад”. Саҳеҳи Ҷомеъус сағир 5-304.*

Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: *“Уммати ман дар рӯзи Қиёмат хонда мешаванд, ки пешониҳояшон аз нури имон ва пойҳояшон бар асари вузӯ гирифтан сафед мебошад”. ривояти Бухорӣ.*

- Аммо амалҳои хуби шахси кофир бошад, аз ҷумлаи садақа кардан, пайвандии хешу таборӣ ва дар роҳҳои хайр нафақа кардан ва ғайра, ба сабаби надоштани имон дар Охират ҳеҷ вазну қиммате надоранд. Аллоҳ таъоло амалҳои онҳоро чунин васф кардааст: **«Касоне, ки кофир шуданд, амалҳояшон чун саробе дар биёбон аст, ки ташна онро об мепиндорад ва чун ба он расад, чизе наёбад. Ва Худоро назди он биёбад, ки ҳисоби ӯро ба пӯрагӣ медиҳад ва Худованд тезҳисобкунанда аст»** *(Сураи Нур, ояти 39)*.

Кофир гумон мекунад, ки ин амалҳояш дар рӯзи Қиёмат ба ӯ манфиате мебахшанд, валкин онҳо на вазне доранд ва на қимате, зеро ки онҳо бе асос ва зерпоя бино ёфтаанд.

Худованди мутаъол фармудааст: **«Ва касе, ки ғайри Ислом дини дигареро биҷӯяд, ҳаргиз аз ӯ қабул карда намешавад ва ӯ дар охират аз зиёндидагон аст»** *(Сураи Оли Имрон, ояти 85)*.



ШАФОЪАТ

Шафоъат: ***Миёнчигарӣ кардан барои дигаре ҷиҳати ҷалби манфиате ё дур кардани зараре.***

Навъҳои шафоъат:

1. **Шафоати хос (Шафоати кубро):** Ин шафоатест, ки танҳо ба Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) тааллуқ дорад ва онро «**Шафоати узмо**» (бузургтарин шафоат) мегӯянд. Ин додхоҳӣ дар ҳаққи тамоми аҳли Маҳшар дар рӯзи Қиёмат сурат мегирад, то Худованди Мутаол интизории тӯлониву тоқатфарсоро дар майдони Маҳшар барои мардум коҳиш диҳад ва ба ҳисобу китоби аъмоли онҳо оғоз кунад Ин ҳамон мақоми махсуси (мақоми маҳмуди) Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст, ки дар дуои пас аз азон барояш аз Худованд онро талаб менамоем.

2. **Шафоати Умумӣ:** Ин дар ҳақи касоне аз мӯъминҳо аст, ки вориди оташи Ҷаҳаннам гаштаанд, то аз он берун оянд. Ин шафоъат ҳам барои Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва ҳам барои ғайри ӯ аз дигар паёмбарон (алайҳимуссалоту вассаллом) ва фариштагон ва мӯъминон мебошад.

Барои ин шафоъат ду шарт муқаррар шудааст:

1. Иҷозати Худованд барои шафоъат кардан: “**Кист он касе, ки бидуни иҷозти Ӯ дар наздаш шафоъат кунад?**”

(Сураи Бақара: ояти 255).

2. Ризояти Ӯ таъоло аз шафоаткунанда ва шафоатшаванда:

“Ва танҳо барои касе шафоъат мекунанд, ки Ӯ таъоло аз ӯ розӣ бошад”. *(Сураи Анбиё: ояти 28).*

Шафоъати узмо (бузургтарин)[13]:

Дар ривояти Қатода (разияллоҳу анҳу) омадааст, ки Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд:

“Худованд мардумро дар рӯзи Қиёмат ҷамъ мекунад, ки барои он дар андӯҳ афтода, андеша мекунанд. Мегӯянд: “Агар ба сӯи Парвардигорамон талаби шафоъат намояем, то моро аз ин ҷо роҳат диҳаду халос намояд? Гуфт: Пас, ба назди Одам (алайҳиссалом) меоянд ва мегӯянд: “Ту Одам, падари тамоми халқ ҳастӣ, Худованд туро ба дасти Худ офарида ва дар ту аз рӯҳи Худ дамидааст ва фариштагонашро амр кард, то барои ту саҷда кунанд. Ту дар назди Парвардигорат барои мо шафоъат кун, то моро аз ин ҷо, ки ҳастем халос намояд ва роҳат ёбем”.

Одам мегӯяд: “Ман соҳиби ин кор нестам”. Хатоеро, ки аз дасташ сар зада буд ба хотир оварада, барои он аз Парвардигораш шарм медорад ва мегӯяд: “Вале шумо ба назди Нуҳ (алайҳиссалом) биравед, ки ӯ аввалин расуле аст, ки ба аҳли замин фиристода шудааст”.

Мегӯяд: Ба назди Нуҳ (алайҳиссалом) меоянд. Ӯ мегӯяд:

[13] Шафоати кубро (الشَّفَاعَةُ الْعُظْمَى): Шафоати махсуси Паёмбар Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар майдони Маҳшар барои оғози ҳисобу китоб мебошад, пас аз он ки тамоми паёмбарони дигар аз ин кор узр мепурсанд.

“Ман мехостагии шумо (соҳиби ин кор) нестам ва хатоеро, ки карда буд ба хотир оварада аз Парвардигораш шарм медорад ва мегӯяд: “Вале шумо ба назди Иброҳим (алайҳиссалом) равед, оне ки Аллоҳ таъоло ӯро дӯсту халили худ гирифтааст. Ба назди Иброҳим (алайҳиссалом) меоянд. Ӯ низ мегӯяд: “Ман соҳиби ин кор нестам” ва хатоеро, ки карда буд ба ёд оварда, аз Парвардигораш барои он шарм медорад ва мегӯяд: “Вале ба назди Мусо (алайҳиссалом) биравед, оне ки Худованд бо ӯ сухан гуфта ва ба ӯ Тавротро додааст.

Мегӯяд: Ба назди Мусо (алайҳиссалом) меоянд. Ӯ мегӯяд: “Ман соҳиби ин кор нестам” ва хатоеро, ки карда буд, ба ёд меоварад ва барои он аз Парвардигораш шарм медорад, вале мегӯяд: Шумо ба назди Исо - Рӯҳуллоҳ (алайҳиссалом)ва калимаи он биравед”. Ба назди Исо - Руҳуллоҳ (алайҳиссалом) ва калимаи он меоянд. Ӯ мегӯяд: “Ман соҳиби ин кор нестам”, вале ба назди Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) биравед - бандае, ки Аллоҳ таъоло гуноҳони гузашта ва ояндаашро бахшидааст.

Гуфт: Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: “Пас ба назди ман меоянд. Ман аз Парвардигорам талаби иҷозат (рухсат) мекунам, ба ман иҷозат дода мешавад, вақте ки ман Ӯро мебинам, саҷдакунон меафтам ва то чанде, ки Худованд бихоҳад, маро дар он ҳол мегузорад. Сипас гуфта мешавад: “Эй Муҳаммад, баланд шав (саратро бардор)! Бигӯ шунида мешавӣ, талаб кун - дода мешавӣ, шафоъат кун – шафоъатат қабул мегардад!”. Ман сарамро мебардорам ва Парвардигорамро ҳамду саное, ки Парвардигорам ба ман

омӯхтааст, сипос мегӯям. Сипас шафоъат мекунам ва барои ман ҳадде муайян карда мешавад. Ман онҳоро аз оташи Ҷаҳаннам бенур оварда ба Биҳишт дохил менамоям. Сипас бармегардам ва боз саҷдакунон меафтам. Ҳамчунон то чанде, ки Худованд бихоҳад, маро мегузорад. Баъд аз он ба ман гуфта мешавад: Эй Муҳаммад баланд шав (саратро бардор)! Бигӯ - шунида мешавӣ, талаб кун - дода мешавӣ ва шафоъат кун шафоъатат қабул мегардад. Сипас сарамро мебардорам ва Парвардигорамро ба ҳамде, ки ӯ маро омӯхтааст, ҳамду сипос мегӯям. Сипас шафоъат мекунам ва барои ман ҳадде муайян карда мешавад, ки онҳоро аз оташи Ҷаҳаннам берун оварда ба Биҳишт дохил мекунам...". (Тахриҷи Бухорӣ ва Муслим).

Ва дар ҳадиси ибни Аббос (разияллоҳу анҳумо) аз ривояти Абдуллоҳ ибни Ҳорис аз ӯ (разияллоҳу анҳумо) аз Аҳмад (раҳимаҳуллоҳ) омадааст: “***... Пас Аллоҳ ъазза ва ҷалла мегӯяд: “Эй Муҳаммад ту чӣ мехоҳӣ, ки дар ҳаққи уммат анҷом диҳам?” Мегӯям: “Эй Парвардигор, ҳисобу китоби онҳоро тезтар бигир...".***

ҲИСОБ

Ҳисоб (Ҳисобу китоб): Ин марҳала ошкор ва огоҳ гардонидани Аллоҳ Таъоло бандагонашро аз амалҳои анҷомдодаашон (дар дунё) мебошад. Ин марҳала бевосита пас аз шафоати кубро сурат мегирад.

Аллоҳ таъоло фармудаанд: «**Дар ҳақиқат, бозгашти онҳо ба сӯи Мост. Ва сипас ҳисоби онҳо бар ӯҳдаи Мост**» (*Сураи Ғошия оятҳои 25-26*).

Мурод аз Ҳисоб ин аст, ки Аллоҳ таъоло бандагонашро дар пешгоҳи Худ бозмедорад ва онҳоро аз амалҳое, ки анҷом додаанд, ва гуфторҳое, ки гуфтаанд ва ҳолате, ки дар ҳаёташон доштанд (аз имону куфр ва пойбандӣ ба муроди Илоҳӣ ё бероҳагиву дур шудан аз он), огоҳ месозад.

- Вақте, ки мардум ба ҳисоб хонда мешаванд, умматҳо аз ҳавлу тарс ба зонӯ меафтанд «**Ва ҳар умматеро мебинӣ, ки (аз шиддати тарс) ба зонӯ даромадааст. Ҳар умматеро садо мезананд, то номаи амали худро бубинад (ва ба онҳо гуфта мешавад): Имрӯз ҷазои ҳамон аъмолеро мебинед, ки анҷом медодед!**». (*Сураи Ҷосия ояти 28*).

Аллоҳ таъоло мефармояд: «**Оё ҷуз ин интизорӣ доранд, ки (фармони) Аллоҳ наздашон биёяд дар сояҳое аз абрҳо ва (низ) фариштагон ва кор (азоби онҳо) поён дода ша-**

вад? Бо ин ки ҳамаи корҳо ба сӯи Аллоҳ бозгардонида мешаванд». (*Сураи Бақара ояти 210*).

Ин омадани Аллоҳ таъоло ва фариштагон аст ва ин мавқифи бисёр ҳам бузургу даҳшатнок мебошад.

- Бандагонеро, ки Аллоҳ таъоло маҳкамаашро барои ҳисоби онҳо омода сохтааст, оварда мешаванд ва онҳо дар саф-саф ба пешгоҳи Парвардигори оламиён пешкаш мегарданд… «**Ва ҳамагӣ саф-саф бар Парвардигорат пешкаш карда мешаванд**» (*Сураи Каҳф ояти 48*).
- Кофирон ҳисоб гирифта мешаванд, то сарзаниш гарданд ва бар болои онҳо ҳуҷҷат қоим карда шавад: «**Рӯзе, ки Худо нидояшон мекунад ва мефармояд: Куҷоянд он шариконе, ки барои Ман муътақид будед!?**» (*Сураи Қасас ояти 62*). Кофирон ҳам нисбат ба азоби Ҷаҳаннам аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ки ин ба мувофиқи амали ҳар кадоми онҳо вобаста мебошад. Оташи Ҷаҳаннам дорои дараҷаҳо (табақаҳо) аст, ки баъзеи онҳо дар зери баъзеи дагарашон қарор доранд. Инсон ҳар қадар, ки кофиртар бошад, яъне дар ҳамон куфраш сахттар бошад, азоб ҳам ҳамон қадар сахттар хоҳад буд.
- Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло бар кофирон шоҳидонро, қоим мекунад «**… ва шумо ҳеч амалеро анҷом намедиҳед, магар ин ки Мо бар болои шумо гувоҳ ҳастем, он гоҳ ки дар он кор фурӯ меравед…**» (*Сураи Юнус ояти 61*).

Бузургтарин шоҳид бар сари онҳо Парвардигорашон ва холиқу офарандаи онҳо мебошад. Ҳамчунин мардумон, замин ва рӯзҳову шабҳо, мол, фариштагон ва аъзои бадани худи инсон низ, аз ҷумлаи шоҳидон хоҳанд буд.

o Аллоҳ таъоло бандагонашро аз он чӣ дар дунё анҷом додаанд мепурсад: «**Ба Парвардигорат қасам, ки аз ҳамаи онҳо суол хоҳем кард; аз он чӣ анҷом медоданд**» (*Сураи Ҳиҷр оятҳои 92-93*).

Ӯ таъоло бандаро аз чаҳор чиз мепурсад:

1. Аз умраш, ки дар чӣ соҳае сарф кард;
2. Аз ҷавониаш, ки дар чӣ роҳе ба пирӣ расонид;
3. Аз молаш, ки аз куҷо ба даст оварду дар чӣ роҳе сарф кард;
4. Аз илмаш, ки бар он чӣ амал кард.

Ва ӯро аз неъматҳое, ки баҳрабардорӣ кардааст, низ мепурсад: «**Сипас дар он рӯз, албатта, аз неъматҳо пурсида мешавед**» (*Сураи Такосур: ояти 8*). Ва инчунин аз аҳдҳо ва шунавоӣ (гӯш) ва биниш (чашм) ва дил, пурсон хоҳад шуд.

o Аммо бо мӯъмин бошад, Аллоҳ таъоло дар танҳоӣ муомила мекунад, ва ӯро ба гуноҳонаш иқрор мегирад. Чун банда худро мебинад, ки ӯ ҳалок гаштааст ё сазовори ҳалокат шудааст, яъне дигар чун гуноҳонаш ҳама бо макон ва замонашон зикр мегарданд ва ба тафсилоте, ки анҷом гирифта ва агар лозим шавад, бо шоҳид, Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло ба ӯ мефармояд: “Ман он гуноҳонро барои ту дар дунё пӯшонидам ва Ман онро барои ту имрӯз мағфират мекунам”. Аммо кофир ва мунофиқ бошанд, онҳо бар сари мардумон садо зада мешаванд ва дар ҳузури тамоми халоиқ расвову ҳисоботашон гирифта мешавад.

o Ҳисобу китоб гирифтан барои тамоми мардум аст, ба ҷуз касоне ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)

онҳоро истисно намудааст. Онҳо ҳафтод ҳазор нафар мебошанд (ки аз ҷумлаи онҳо Уккоша ибни Миҳсан (разияллоҳу анҳу) мебошад).

Сифатҳои онҳо инҳоянд:

- Касоне, ки талаби дуъохонӣ (дам сохтан ва руқя хондан аз дигарон) намекунанд;
- Бо доғ кардан (сӯзондани пӯст) даво намекунанд:
- Шумпардозӣ (фоли бад дидан ва татаюр) намекунанд (яъне ба паридани паррандае ё вохӯрдани ҷондоре фоли бад нагирифта, онро нишонаи шумӣ ва нобарории кор намегиранд);
- Танҳо бар Парвардигорашон таваккул мекунанд. Яъне гарчанде баъзе умур дар шариъат дуруст ва мубоҳ бошад ҳам - ба монанди дуову руқя хондан, ҳатто ҳаминро ҳам намекунанд. Онҳо аз шиддати таваккуле, ки ба Худованд доранд, ин корҳоро низ тарк мекунанд ва такя танҳо ба Зоти Ӯ таъоло менамоянд).
- Аввалин уммате, ки ҳисобу катоб гирифта мешавад, уммати Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мебошад. Мо дар тартиби офариниш охирин умматҳо ҳастем, вале дар рӯзи Қиёмат аввалин касоне хоҳем буд, ки ҳисоб карда мешаванд.
- Аввалин чизе, ки банда аз ҳуқуқи Худовандӣ аз он ҳисобу китоб карда мешавад, **намоз** мебошад. Ва аввалин чизе, ки дар байни мардум (дар ҳуқуқи бандагон) қазоват карда мешавад, дар мавриди **масъалаи хунҳо** (қатлу куштор ва таҷовуз ба ҷони инсонҳо) мебошад.



ПАРОКАНДА ШУДАНИ САҲИФАҲО (НОМАҲОИ АЪМОЛ) БА ҲАР ТАРАФ

- Дар охири ин машҳади ҳисобгирӣ ва дар интиҳои ин марҳила, китоби ҳар як банда, яъне ҳамон саҳифа ё номаи аъмолаш[14] ба дасти худаш дода мешавад, ки он сабти комиле аз амалҳои дар ҳаёти дунё анҷомдодаи ӯро фаро мегирад.

- **Китоб** - саҳифае (номае) аст, ки дар он тамоми амалҳои инсон, ки фариштагон сабт кардаанд, шумурда шудаанд.

Аллоҳ таъоло мефармояд: «**Ва аммо касе, ки номаи аъмолаш ба дасти росташ дода мешавад, ба зудӣ ҳисоби осоне аз ӯ гирифта хоҳад шуд ва шодмонона ба назди аҳлу оилааш бармегардад. Ва аммо касе, ки номаи аъмолаш аз пушташ ба ӯ дода мешавад. Ба зудӣ маргро (барои халосӣ) нидо мекунад. Ва ба оташи сӯзони Ҷаҳаннам ворид мегардад**». (*Сураи Иншиқоқ оятҳои 7-12*).

[14] Китоби аъмол (Номаи аъмол): Дафтари махсусест, ки фариштагон тамоми амалҳои неку бади инсонро дар он навиштаанд ва дар ин марҳила он номаҳо ба сӯи дастҳо парвоз мекунанд (пароканда мешаванд).

Тариқаи гирифтани китобҳо (Номаҳои аъмол)

1. Мӯъмин:

Ӯ китобашро ба дасти росташ ва аз пешорӯяш мегирад. Вақте ба он огоҳӣ пайдо мекунад ва муҳтавои онро мефаҳмад, хушнуд мешавад ва хабари хуш меёбад.

Аллоҳ таъоло ҳоли мӯъминро васф намуда мефармояд: **«Аммо касе, ки номаи аъмолаш ба дасти росташ дода шавад, (аз хушҳолӣ) фарёд мезанад: «Биёед, номаи маро бихонед! Ман яқин доштам, ки рӯзе ба ҳисоби худ мерасам!». Пас ӯ дар як зиндагии писандида хоҳад буд; дар биҳиште воломақом, ки меваҳояш дастрас аст. (Ба онҳо гуфта мешавад): Бихӯред ва бинӯшед, гуворoятон бод; ба хотири аъмоле, ки дар рӯзҳои гузашта (дунё) анҷом дода будед!»** *(Сураи Ҳоққа, оятҳои 19-23).*

2. Кофир ва мунофиқ:

Онҳо китобҳояшонро аз тарафи пушт ба дасти чапашон мегиранд. Сипас ҳалокату маргро барои худ мехонанд ва дуои вайл мекунанд.

Аллоҳ таъоло ҳоли онҳоро васф намуда мефармояд: **«Ва аммо касе, ки номаи амалаш ба дасти чапаш дода шавад, мегӯяд: «Эй кош, номаамро ба ман надода буданд! Ва намедонистам, ки ҳисоби ман чист! Эй кош, ҳамон марг (дар дунё) кори маро ба поён мерасонид (ва дигар зинда намешудам)! Молам имрӯз ба дарди ман нахӯрд ва қудрату салтанатам аз байн рафт!». (Пас хитоб мерасад):**

«Бигиред ӯро ва дар занҷир кашед! Сипас ӯро ба оташи сузони Ҷаҳаннам афканед!» *(Сураи Ҳоққа, оятҳои 25-31).*

МАВҚИФ ВА ВАЗЪИ ДАҲШАТНОК

Аз Оиша (разияллоҳу анҳо) ривоят шудааст, ки ӯ аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пурсид: *«Оё (дар рӯзи Қиёмат) аҳли оилаатонро ба ёд меоваред?»*

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҷавоб доданд:

«Аммо дар се мавзеъ ҳеҷ кас каси дигарро ба хотир намеорад:

1. Дар назди Мизон (тарозӯ), то бидонад, ки оё тарозӯяш сабук меояд ё вазнин.

2. Ҳангоми пароканда шудани саҳифаҳо (номаҳои аъмол), то бидонад, ки китобаш ба дасти росташ меафтад ё ба дасти чапаш ва ё аз пушти сараш.

3. Ва дар назди Сирот (пул), вақте ки бар пушти Ҷаҳаннам гузошта мешавад, то аз он бигузарад».

(Ривояти Абудовуд ва Ҳоким; Ҳоким гуфтааст, ки ин ҳадис бар шарти Бухорӣ ва Муслим саҳеҳ аст).

Вақте ба бандагон китобҳояшон дода мешаванд, ба онҳо гуфта мешавад: “**Ин китоби Мост, ки ба ҳақ бар шумо сухан мегӯяд. Мо ҳамвора он чӣ шумо мекардед, сабт мекардем (менавиштем)**”. (*Сураи Ҷосия, ояти 29*).



МИЗОН[15] – ТАРОЗӮ

Мизон: Чизе аст, ки Аллоҳ Таъоло онро рӯзи Қиёмат барои баркашидани амалҳои бандагон мениҳад.

Худованд мефармояд:

«**Ва рӯзи растохез (Қиёмат) тарозӯҳои адлро (барои ҳисоббаррасӣ) мениҳем ва ба ҳеҷ кас ба ҳеҷ ваҷҳ ситам карда намешавад. Ва агар (он амал) ҳамвазни донаи хардале (аз кори неку бад) бошад, онро ба ҳисоб меоварем ва Мо барои ҳисобгирӣ кифоя ҳастем**». (*Сураи Анбиё, ояти 47*).

Мизон барои баркашидани амалҳои бандагон мебошад ва ин кор баъд аз ҳисобу китоб сурат мегирад. Баркашидани амалҳо барои муайян кардани ҷазову савоб аст ва ин пас аз муҳосаба (ҳисобгирӣ) хоҳад буд; муҳосаба бошад, барои донистани қадру андозаи амалҳост.

- Он мизон ва тарозӯи ҳақиқӣ аст, ки ду палла дорад ва агар осмонҳову заминро дар он баркашанд, албатта онҳоро мегунҷонад. Ва он мизони ниҳоят дақиқ аст.

Имом Ҳоким аз Салмони Форсӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд:

«Мизон дар рӯзи Қиёмат гузошта мешавад, ки агар осмонҳо ва замин дар он баркашида шаванд, ҳамаро

[15] Мизон (Тарозу): Тарозуи ҳақиқие, ки Аллоҳ таъоло дар рӯзи Қиёмат барои баркашидани амалҳои бандагон мегузорад, то адолати Илоҳӣ ошкор гардад.

мегунҷонад. Пас фариштаҳо мегӯянд: Эй Парвардигор! Ин мизон барои кӣ бармекашад? Аллоҳ Таъоло мегӯяд: Барои ҳар касе аз халқам, ки бихоҳам. Пас фариштаҳо мегӯянд: Субҳонака (Ту пок ва муназзаҳ ҳастӣ), мо Туро ончунон ки ҳаққи ибодатат буд, ибодат накардем». (Сарчашма: «Мустадрак»-и Имом Ҳоким, рақами 8739).

Амалҳое, ки мизонро вазнинӣ мекунад:

- Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: «*Ду калимаест, ки онҳо бар забон сабук мебошанд ва дар мизон вазнинанд ва бар Раҳмон маҳбубу дӯстдоштаанд: Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи, субҳоналлоҳил-Азим*» (Аллоҳ таъолоро ба покӣ ва ба ҳамдаш ёд мекунам ва пок аст Худованди бузург) китоби Ҷоеъул усул 4-397 (2462).

- «*Вузӯ гирифтан нисфи имон аст, валҳамду лиллоҳ мизонро пур мекунад ва субҳоналлоҳи валҳамду лиллоҳ ҳарду, мобайни осмонҳо ва заминро, пур мекунанд (ё пур мекунад)*» Саҳеҳи Ҷомеъусағир 5-229 (5843).

Ҳадиси битоқа (корти хурд):

Тирмизӣ дар китоби сунан-аш аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни-л-Ъос (разияллоҳу анҳу) ривоят мекунанд, ки Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд:: «*Аллоҳ таъоло дар рӯзи Қиёмат мардеро аз уммати ман бар сари мардум халос мегардонад, барои ӯ наваду нӯҳ (навиштаҷоте) китобе нашр карда мешавад, ки ҳар китобе то ба андозаи дидани чашм (бузургу калон) аст, баъд аз он мегӯяд: оё ту аз ин (амалҳои кардаат) чизеро инкор мекунӣ?*

Оё туро фариштаҳои нависандаи нигаҳбон зулм кардаанд? Мегӯяд: На, эй Парвардигорам. Пас мегӯяд: Оё ту узре дошта? Мегӯяд: На, эй Парвардигонам. Аллоҳ таъоло мегӯяд: Бале, ту дар назди мо як ҳасана дори, шаън ин аст, ки дар ин рӯз зулм нест. Пас як битоқа (мисли корт) бароварда мешавад, ки дар он навишта шудааст: Ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳ. Мегӯяд: Вазнатро биёр. Ӯ мегӯяд: Эй Парвардигорам, ин як (порчаи) битоқа дар баробари ин ҳама навиштаҷотҳо чӣ мебошад (чӣ кор карда метавонад, ё чӣ арзише дорад?). мегӯяд: Ту зулм намешавӣ, пас ҳама навиштаҷотҳо дар паҳлӯи тарозӯ гузошта мешаванд ва битоқа дар паллаи дигари тарозӯ, он навиштаҷотҳо дар ҳаво мехезанд ва битоқа вазнинӣ мекунад. Ва дар баробари номи Худованд чизе вазнин шуда наметавонад». (*Ҷомеъул усул 10-459 Муҳаққиқ гуфта, ки иснодаш саҳеҳ аст*).

ҲАВЗ[16]

Аллоҳ Таъоло банда ва паёмбараш Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро дар он мавқифи бузурги Қиёмат бо додани як ҳавзе, ки атрофаш бисёр васеъ аст, икром менамояд.

Сифатҳои Ҳавз:

- Оби он аз шир сафедтар ва аз асал ширинтар аст.

- Бӯйи он аз мушк хуштар буда, қадаҳҳо (кӯзаҳо)-и он ба монанди ситораҳои осмон (дурахшону бешумор) мебошанд.

- Ин об ба ҳавз аз наҳри Кавсар ҷорӣ мешавад — наҳре, ки Аллоҳ Таъоло онро дар ҷаннат ба Расулаш (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ато фармудааст.

- Бар он ҳавз уммати Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ворид мешаванд; касе, ки аз он як ҷуръае бинӯшад, пас аз он ҳаргиз ташна нахоҳад шуд.

[16] Ҳавз (الْحَوْض): Ҳавзи бузурге, ки Аллоҳ таъоло дар маҳшар ба Паёмбар (с) ато кардааст, ки мӯъминон пеш аз ворид шудан ба ҷаннат аз он менӯшанд.

- Дарозии он ба муддати як моҳа роҳ ва паҳноии он низ баробари як моҳа роҳ аст ва атрофи он баробару мудаввар мебошад.

- Ҳар паёмбаре (алайҳимуссалом) ҳавзе дорад, вале ҳавзи Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз ҳамаи онҳо калонтар, бузургтар ва серодамтар мебошад. Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд:

«Барои ҳар паёмбаре ҳавзест ва онҳо (дар рӯзи Қиёмат) фахр мекунанд, ки кадоме аз онҳо аз рӯи воридшудагон бисёртар аст. Ва ман орзу (умед) дорам, ки аз ҳама бештар воридшудагонро ба ҳавзи худ дошта бошам». (*Ривояти Тирмизӣ, №2443*).

- Баъзе аз афроди уммати Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бар ҳавз ворид мешаванд, вале сипас (аз ҷониби фариштагон) ронда ва манъ карда мешаванд. Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд:

«Пас ман мегӯям: Эй Парвардигорам! Инҳо асҳоб (уммат)-и мананд. Вале ба ман гуфта мешавад: Ту намедонӣ, ки онҳо баъд аз ту чӣ корҳо (ва бидъатҳо) анҷом доданд». (*Ривояти Бухорӣ, №6585 ва Муслим, №2297*).

Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд:

«Ҳавзи ман (дар васеъӣ) аз масофаи байни Айла (шаҳри бандарии Ақаба дар Урдун) то Адан (дар Яман) дуртар аст. Албатта, оби он аз барф сафедтар ва аз асали бо шир

омехташуда ширинтар аст. Зарфҳои он аз шумораи ситорагони осмон зиёдтаранд. Ва ман мардуми бегонаро аз он дур мекунам, ҳамон гуна ки марде шутурони мардуми бегонаро аз ҳавзи худ дур месозад». Саҳобагон гуфтанд: *«Эй Расулуллоҳ! Оё шумо моро дар он рӯз мешиносед?»*. Фармуданд: *«Оре, шумо нишонаҳое (аломатҳое) доред, ки ҳеҷ уммати дигаре надорад: Шумо бар ман дар ҳоле ворид мешавед, ки пешонаҳо ва дасту поҳоятон (аз асари вузӯ гирифтан) сафеду дурахшон хоҳад буд»*. (*Ривояти Муслим, №247*).

Дар ривояти дигари Имом Муслим аз Анас (разияллоҳу анҳу) омадааст:

«Дар он ҳавз кӯзаҳои тиллоӣ ва нуқрагинро мебинӣ, ки ба ададди ситорагони осмонанд». (*Саҳеҳи Муслим, №2300*).

ИМТИҲОНИ МӮЪМИНОН

Ва дар марҳалаи охири Ҳашр, бандагон ҷамъ карда шуда, ба тарафи ҷаннат ё ба сӯйи оташи дӯзах равона карда мешаванд. Аммо кофирон бошанд, ҳар уммате аз онҳо маъбудеро (худоеро), ки дар дунё ибодат мекард, пайравӣ менамояд ва аз пайи он равона мешавад; касоне, ки офтобро мепарастиданд, аз дунболи он мераванд.

Кофирон ба сӯйи оташи дӯзах ба монанди рамаҳои чорпоён, ҷамоат-ҷамоат ҳашр мегарданд:

«**Ва касоне, ки кофир шуданд, гурӯҳ-гурӯҳ ба сӯйи ҷаҳаннам ронда мешаванд**». (*Сураи Зумар, ояти 71*).

Ё ин ки бар рӯйҳояшон кашолакунон маҳшур мегарданд:

«**Касоне, ки бар рӯйҳояшон (кашолакунон) ба сӯйи ҷаҳаннам маҳшур (ва ҷамъ) гардонида мешаванд...**». (*Сураи Фурқон, ояти 34*).

Дар он мавқиф, ҷуз мӯъминон касе боқӣ наmemонад, вале дар байни мӯъминон мунофиқон низ (пинҳонӣ) ҳузур доранд. Парвардигорашон ба назди онҳо (мӯъминон ва мунофиқон) меояд ва ба онҳо мегӯяд: «Чиро мунтазиред?». Мегӯянд: «Парвардигорамонро мунтазирем». Пас, вақте Худованд аз Соқи Худ парда бармедорад (тачаллӣ мекунад), Ӯро мешиносанд ва мӯъминон дарҳол ба саҷда меафтанд. Аммо мунофиқон наметавонанд саҷда кунанд (пушташон ба монанди тахта сахт мегардад):

«**Рӯзе, ки аз соқ парда бардошта (ва кор сахт) шавад ва ба сачда хонда шаванд, вале (мунофиқон) наметавонанд**». (Сураи Қалам, ояти 42).

Сипас мӯъминон аз пайи Парвардигори худ равона мешаванд ва барои (гузаштани) онҳо пуле (Сирот) бар рӯйи ҷаҳаннам гузошта мешавад. Ба мӯъминон нурҳояшон дода мешавад ва онҳо ба тарафи пул ҳаракат мекунанд, аммо нури мунофиқон дар он ҷо хомӯш мегардад (ва дар торикӣ мемонанд).

ҲАДИСИ РӮЪЯТИ ХУДОВАНД ВА ГУЗАШТАН АЗ ПУЛИ СИРОТ

Имом Бухорӣ ва Имом Муслим дар саҳеҳҳои худ аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят кардаанд, ки Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар посух ба саҳобагон, ҳангоме ки аз эшон дар бораи дидани Худованд (дар охират) пурсиданд, фармуданд:

«*Оё дар дидани моҳтоби шаби чордаҳум (бадр), вақте ки дар осмон ҳеҷ абре набошад, шакку шубҳае доред ва ё ба машаққат меафтед? (Яъне, онро чунон ҷалӣ, равшан ва ошкоро мебинед, ки ҳама бе ранҷ онро тамошо мекунанд ва касе пеши касеро намегирад ва ба касе зараре намерасад)».*

Саҳобагон гуфтанд: «На, эй Расули Худо!».

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: «Дар ҳақиқат, шумо Ӯро дар рӯзи Қиёмат ҳамин гуна (равшану ошкоро) хоҳед дид. Худованд мардумро ҷамъ меорад ва мегӯяд: «Касе, ки дар дунё чизеро ибодат мекард, аз пайи он равона шавад». Пас, касе ки офтобро мепарастид, аз дунболи он меравад ва касе ки моҳтобро ибодат мекард, онро пайгирӣ менамояд ва касоне, ки тоғутҳоро (бутҳо,

шайтонҳо, ҳокимони саркаш ва ҳар чизе, ки ба ҷойи Худо парастида мешуд) парастиш мекарданд, аз пайи онҳо мераванд.

Дар он мавқиф танҳо ин уммат боқӣ мемонад, ки дар миёни онҳо мунофиқонашон низ ҳузур доранд. Пас, Аллоҳ Таъоло ба назди онҳо дар сурате (сифате) меояд, ки ғайр аз он сурате аст, ки онҳо мешиносанд ва мегӯяд: «Ман Парвардигори шумоям». Муъминону мунофиқон мегӯянд: «Мо аз ту ба Худо паноҳ мебарем! Мунтазири Парвардигори хеш мемонем ва ин ҷо ҷойи мост, то Парвардигорамон биёяд. Вақте Ӯ омад, мо Ӯро мешиносем».

Сипас, Аллоҳ Таъоло ба назди онҳо ба он сурате (сифате) меояд, ки Ӯро мешиносанд ва мегӯяд: «Ман Парвардигори шумоям». Онҳо мегӯянд: «Ту Парвардигори мо ҳастӣ!» ва аз пайи Ӯ равона мешаванд.

Он гоҳ пули Сирот бар рӯйи ҷаҳаннам зада (гузошта) мешавад».

Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: «Ман аввалин касе аз паёмбарон хоҳам буд, ки бо уммати худ аз он пул мегузарам. Дуову нидои паёмбарон дар он рӯз танҳо ин аст: ***«Аллоҳумма саллим, саллим»*** *(Парвардигоро, саломат нигоҳ дор, саломат нигоҳ дор!).*

Ва дар он пул калолиб (чангакҳо ва оҳанҳои саркаҷе, ки ба монанди чангаки гӯштгирии дег мебошанд) мавҷуданд, ки ба хори саъдон (гиёҳи хордори тез) шабоҳат доранд. Оё хори саъдонро дидаед?».

Саҳобагон гуфтанд: «Бале, эй Расули Худо!».

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: «Он чангакҳо ба монанди хори саъдонанд, вале бузургии онҳоро ҷуз Худованд касе намедонад. Он чангакҳо мардумро ба са-

баби амалҳояшон ногаҳон меқапанд (мерабоянд). Баъзе аз мардум ба хотири амалҳои (бади) худ ҳалок шуда, ба ҷаҳаннам меафтанд ва баъзеи дигар ба сабаби амалҳояшон ҷароҳат бардошта, пора-пора мешаванд, вале сипас наҷот меёбанд...».

(Сарчашма: Саҳеҳи Бухорӣ, №7437 ва Саҳеҳи Муслим, №182).



СИРОТ

Сирот: Он пул ё купруке аст, ки бар рӯйи ҷаҳаннам кашида (дароз) мешавад, то мӯъминон бар рӯйи он ба сӯйи ҷаннат бигузаранд.

Худованди мутаъол мефармояд:

«**Ва ҳеҷ касе аз шумо нест, магар ин ки вориди он (ҷаҳаннам) мешавад; ин (амр) бар Парвардигорат ҳатмӣ ва муқаррар шудааст**». (*Сураи Марям, ояти 71*).

Сифатҳои Сирот:

- **Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳангоме ки аз сифати он пурсида шуд, фармуданд:** «*Он (пул) лағжонак аст, ки пойҳо дар он мелағжанд ва устувор наmemонанд. Бар рӯйи он чангакҳо ва хорҳои оҳанини сарқаҷе ҳастанд (ба монанди оҳанҳое, ки барои аз дег гирифтани гӯшт истифода мешаванд). Онҳо хорҳои сахту боқувват ва паҳноваранд, ки дар минтақаи Наҷд месабзанд ва онҳоро хори саъдон мегӯянд*». *(Ривояти Бухорӣ, №7439)*.

- Дар Саҳеҳи Муслим аз ҳадиси Абусаъиди Худрӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят шудааст, ки гуфт: «*Ба ман хабар расидааст, ки он пул аз мӯй бориктар ва аз шамшер тезтар аст». (Саҳеҳи Муслим, №183).*

- Бар рӯйи он пул танҳо мӯъминон ва мунофиқон мегузаранд, зеро пеш аз он кофирони маҳз мустақим ба оташи дӯзах андохта мешаванд.

Ворид шудан (вуруд) ду намуд аст:

1. **Ворид шудани кофирон бар оташ:** Ин ворид шудан ба маънои дохил шудан ва афтодани ҳамешагӣ дар дӯзах аст. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

*«***Ӯ (Фиръавн) дар рӯзи Қиёмат пешрави қавми худ хоҳад буд ва ононро ба оташи дӯзах дохил мекунад ва чӣ бад ҷойгоҳе аст барои ворид шудан!***»**. (*Сураи Ҳуд, ояти 98*).

2. **Ворид шудани мӯъминони муваҳҳид (яктопараст):** Ин ворид шудан ба маънои гузаштан бар рӯйи пули Сирот аст, ки ҳар кас ба андозаи амалҳояш аз он мегузарад. Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд:

«Мӯъминон (аз рӯйи он) ба монанди як мижа задан, ба монанди барқ, ба монанди бод, ба монанди парранда ва ба монанди аспҳову шутурони тездав мегузаранд. Пас як гурӯҳ мусалмонони солим ва наҷотёбандаанд, гурӯҳи дигар ҷароҳатбардошта ва харошидашудаанд, ки сипас раҳо ва наҷот меёбанд ва гурӯҳи дигар сергуноҳон ҳастанд, ки ба рӯй дар оташи ҷаҳаннам меафтанд». (Муттафақун алайҳ: Бухорӣ №7439, Муслим №183).

- Аввалин паёмбаре, ки аз пули Сирот мегузарад, Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст ва аз умматҳо

низ уммати ӯ аввалин хоҳад буд. Ба далели ин гуфтаи Паёмбар: «*Ман ва умматам аввалин касоне хоҳем буд, ки аз Сирот мегузарем. Дар он рӯз ҷуз паёмбарон каси дигар сухан намегӯяд ва дуои паёмбарон дар он рӯз ин аст:* **«Аллоҳумма саллим, саллим».** *(Парвардигоро, саломат нигоҳ дор, саломат нигоҳ дор!)*». *(Ривояти Бухорӣ, №806).*

- Аллоҳ Таъоло аз пули Сирот парҳезгоронро наҷот медиҳад, ба далели ин сухани Худованд:

«**Сипас касонеро, ки тақво варзиданд, наҷот медиҳем ва золимонро дар ҳоле ки ба зону афтодаанд, дар он (ҷаҳаннам) раҳо мекунем**». (*Сураи Марям, ояти 72*).

ҶУДОШАВИИ МУЪМИНОН АЗ МУНОФИҚОН ВА ТАҚСИМИ НУР

Шореҳи «Ақидаи Таҳовия» мегӯяд: «Ва дар ин мавзеъ (марҳала) аст, ки мӯъминон аз мунофиқон ҷудо мешаванд. Мунофиқон қафо мемонанд ва мӯъминон аз онҳо пеш мегузаранд ва дар байни онҳо деворе (монеъ) гардонида мешавад, ки мунофиқонро аз расидан ба мӯъминон манъ мекунад».

Имом Байҳақӣ бо санади худ аз Масруқ ва ӯ аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (разияллоҳу анҳу) ривоят мекунад, ки гуфт: «Аллоҳ Таъоло мардумро дар рӯзи Қиёмат ҷамъ меорад... (Паёмбар) то ин ҷо гуфт, ки: «Ба баъзе аз онҳо нуре дода мешавад, ки ба монанди кӯҳ дар пеши рӯяшон мебошад. Ба баъзеи дигар нури аз ин ҳам бузургтар дода мешавад. Ба баъзеи онҳо нуре ба андозаи дарахти хурмо ба дасти росташон дода мешавад ва ба баъзеи дигар нури аз ин камтар ба дасти росташон дода мешавад, то ин ки ба охирин нафар ну-

ре дар ангушти калони пояш дода мешавад, ки боре рӯшанӣ медиҳад ва боре хомӯш мегардад. Вақте рӯшанӣ дод, қадамашро пештар мениҳад ва вақте хомӯш шуд, дар ҷояш меистад».

Ибни Масъуд (разияллоҳу анҳу) гуфт: «Пас, ӯ ва дигарон аз Сирот мегузаранд. Сирот ба монанди дами шамшер аст, ки пойҳо дар он устувор наемонанд ва қарор намегиранд, балки мелағжанд. Ба онҳо гуфта мешавад: «Ба андозаи нуратон бигузаред!». Баъзе аз онҳо ба монанди афтидани ситора (шаҳоб) мегузаранд, баъзе ба монанди бод, баъзе ба монанди як чашм задан ва баъзеи дигар ба монанди аспҳои тездав мегузаранд; ҳар кас ба андозаи амалаш тез қадам мезанад.

Ин ҳол давом мекунад, то касе, ки нураш дар ангушти калони пояш аст, гузаштанро оғоз намояд. Ӯ дар ҳоле мегузарад, ки як дасташ меафтаду бо дасти дигараш овезон мешавад, як пояш меафтаду бо пояи дигараш овезон мегардад ва оташи дӯзах ба атрофи баданаш мерасад, то ин ки дар ниҳоят наҷот меёбад. Вақте комилан раҳо мешавад, бармегардад ва мегӯяд: *(Ҳамду сано Худоеро, ки моро аз ту наҷот дод)*, пас аз он ки туро ба мо нишон дод. Ба дурустӣ, Худованд ба мо чизе (неъмате) додааст, ки ба ҳеҷ каси дигар надодааст»».

ТАФСИРИ ИН САНҲА ДАР ҚУРЪОНИ КАРИМ

Аллоҳ Таборак ва Таъоло лаҳзаи гузаштани мӯъминонро аз пули Сирот дар Қуръон чунин баён медорад:

«**Рӯзе, ки мардон ва занони мӯъминро мебинӣ, ки нурашон аз пеши рӯ ва аз дасти росташон дар ҳаракат (ва дурахшон) аст. (Ба онҳо гуфта мешавад:) «Башорат бод шуморо имрӯз ба боғҳое (ҷаннатҳое), ки наҳрҳо аз зери**

дарахтони он равон аст ва шумо дар он ҷо ҷовидонаед ва ин ҳамон растагории бузург аст!».

Рӯзе, ки мардон ва занони мунофиқ ба касоне, ки имон овардаанд, мегӯянд: «Каме мунтазир бошед (ба мо нигоҳ кунед), то аз нури шумо баҳрае гирем!». Ба онҳо гуфта мешавад: «Ба ақиб (ба дунё) баргардед ва аз он ҷо нур биҷӯед!». Дар ҳамин ҳангом аст, ки деворе миёни онҳо зада мешавад, ки дарвозае дорад; даруни он (тарафи мӯъминон) раҳмат аст ва беруни он (тарафи мунофиқон) азоб.

(Мунофиқон) мӯъминонро садо мезананд: «Магар мо (дар дунё) бо шумо набудем?». Ҷавоб медиҳанд: «Чаро, будед, валекин шумо худро ба фитна ва ҳалокат андохтед ва ҳамеша дар интизори (мағлубияти дин) будед ва (дар ҳаққонияти Қиёмат) шак доштед ва орзуҳои пуч шуморо мағрур кард, то ин ки фармони Худо (марг) фаро расид ва шайтони фиребгар шуморо нисбат ба Худо гумроҳ намуд». (*Сураи Ҳадид, оятҳои 12-14*).



ОТАШИ ДӮЗАХ

○ ***Кофирон ба оташи дӯзах дохил мешаванд. Ва аммо мӯъминон ва дар байни онҳо мунофиқон ба тарафи сирот рӯй меоваранд.***

Дарвозаҳои он:

Ӯ ҳафт дарвоза дорад ва оташи мо, ки дар дунё онро истеъмол менамоем ҷузъе аз ҳафтодумин ҷузъи гармии ҷаҳаннам аст.

Сифатҳои аҳли дӯзах:

Мобайни ду китфи кофир серӯза роҳ барои савораи тезрав ва дандони курсии он ба монанди кӯҳи Уҳуд аст ва дурушти пӯсташ серӯза роҳ аст.

Нӯшокӣ ва таъоми аҳли ҷаҳаннам:

Оби ҷӯшон нӯшокии онҳост, бар сарҳояшон рехта мешавад, он аз дарунаш мегузарад, то ин ки ба дарунаш мерасад ва аз ду пояш берун хориҷ мешавад, сипас ҳамчуноне ки буд ба ҳолати аввалааш баргардонида мешавад, яъне ҳамон инсоне, ки дар азоб аст. Агар як қатрае аз **заққум** дар дори дунё бичакад, барои аҳли замин зиндагиро вайрон мекунад ва фосид мегардонад. Ва таъоми аҳли ҷаҳаннам зардоб аст ва он чизест, ки аз пӯстҳои аҳли дӯзах ҷорӣ мешавад аз чирку зардоб ва он чи аз гӯшти кофирон равона мешавад.

Камтарин азобдодашудагон:

Андактарини аҳли оташ аз рӯи азоб кашидан касе аст, ки зери қадамаш, ки ба замин намерасад, ду лахчае аз оташ гузошта мешавад, ки димоғаш (майнаи сараш) аз он меҷӯшад.

Чуқурии ҷаҳаннам:

Агар санге ба ҷаҳаннам андохта шавад, дар он ҳафтод сол поин меравад ва ба тагаш намерасад.

Ҳезум ё сӯзишвории ҷаҳаннам:

Мардумон: ки онҳо кофирон ва мунофиқонанд ва сангҳо, инҳоянд ҳезуми ҷаҳаннам ва ибни Масъуд (разияллоҳу анҳу) гуфтаанд, ки: он санг аст аз кибрит.

Шиддат ва гармии он:

Ҳавои он самум аст ва самум боди сӯзон аст ва сояи он яҳмум аст ва яҳмум пораҳои дуд мебошад ва оби он ҳамим аст, обе ки аз ҳад зиёд ҷӯшидааст, ки он ҳама чизро мехӯрад, ки чизеро боқӣ намегузорад, пӯстҳоро месӯзонад ва ба устухонҳо ва ба дилҳо мерасад.

Сухани аҳли ҷаҳаннам:

Оташе, ки чун аз макони дур ба чашмашон расад ғалаёну ҷушиш ва садои (зафири) ҳавлангези онро бишунаванд. Ва се гуруҳ нидо карда мешаванд: Мутакаббир, саркаш (касе худашро калон мегирифт ва ҳеч чизро гӯш намедод ва ба ҳеч фармони илоҳӣ сар намефароварад, аввалин касе аст, ки онҷо нидо карда мешавад, яъне фарёдаш мекунанд, то мардум ин саркашро бубинанд, ки чӣ гуна метавонад дар ин мавқиф саркашӣ кунад, ё давон-давон лаббайк мегӯяду ҳозир мешавад…). Ва ҳар касе, ки бо ҳамроҳи Худованд каси дигарро дар дуъояш хондааст. Ва тасвиркунандагон.

Зиёдатии аҳли ҷаҳаннам:

Касоне, ки ҷаҳаннам медароянд аз касоне, ки ба биҳишти барин медароянд зиёдтаранд, «**Ва аксари мардумон, гарчанде ҳарис ва сахт хоҳиш ҳам дошта боши, мӯъмин нестанд**» (*Сураи Юсуф ояти 103*).

Либоси аҳли ҷаҳаннам:

Барои онҳо либос аз оташи дӯзах пора карда мешавад.

НАВЪҲОИ АЗОБИ ҶАҲАННАМ

Азобҳои аҳли ҷаҳаннам гуногунанд ва баъзе аз онҳо чунинанд:

Сухтану пухтани пӯстҳо ва об шудани бадан: Ин азоб бар асари рехтани оби ҷӯшон бар сари онҳо сурат мегирад.

Задани алангаи оташ бар рӯйҳо: Кофирон бо рӯй ба оташ андохта мешаванд.

Кашолакунон бурдан: Кофиронро бар рӯйҳояшон кашола карда, ба сӯйи оташ мебаранд.

Сиёҳ шудани рӯйҳо: Рӯйи аҳли ҷаҳаннам аз шиддати азоб сиёҳу тира мегардад.

Иҳота кардан ва печонидани оташ: Оташи дӯзах аз ҳар тараф аҳли онро дар бар мегирад ва мепечонад.

Расидани оташ ба дилҳо: Гармии оташ аз бадан гузашта, то ба дилҳои онҳо асар мекунад.

Баромадани рӯдаҳо: Рӯдаҳои баъзе аз гунаҳгорон (ба монанди касоне, ки амри ба маъруф мекарданду худ амал намекарданд) дар оташ берун меояд.

Ба занҷирҳо ва бандҳо баста шудан: Аҳли ҷаҳаннам бо занҷирҳо ва бандҳои оҳанин баста мешаванд ва бо гурзҳои оҳанин зада мешаванд.

Ҳамроҳ кардани маъбудҳои ботил: Бутҳо, шайтонҳо ва маъбудҳои ботиле, ки дар дунё ба ҷойи Худо мепарастиданд, бо худи онҳо якҷоя ба оташ андохта мешаванд, то боиси ҳасрати бештари онҳо гардад.



ҚАНТАРА (ПУЛИ ПОКСОЗӢ)

Қантара — пул ё мавзеи хосест дар байни Ҷаннат ва дӯзах (пас аз пули Сирот), ки Аллоҳ Таъоло дар он ҷо мӯъминони наҷотёфтаро пеш аз ворид шудан ба ҷаннат боздошт (ҳабс) мекунад, то ҳаққу зулмҳои хурди байни худашонро (ҳуқуқулъибод, ҳуқуқи бандагон), ки дар дунё ҳал нашуда буд, тавассути қасоси охират пок созад ва кинаву адоватро аз синаҳояшон комилан бишӯяд.

- Имом Бухорӣ аз Абусаъиди Худрӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд:

«Мӯъминон чун аз оташи дӯзах наҷот меёбанд, бар рӯйи Қантара (пуле дар байни Ҷаннат ва дӯзах) боздошт (ҳабс) карда мешаванд. Дар он ҷо қасоси зулмҳое, ки дар дунё байни онҳо сурат гирифта буд, аз якдигар гирифта мешавад. Танҳо вақте, ки комилан пок ва бегуноҳ гаштанд, ба онҳо иҷозати ворид шудан ба Ҷаннат дода мешавад. Қасам ба зоте, ки ҷони Муҳаммад дар дасти Ӯст, ҳар яке аз онҳо роҳи манзили худро дар ҷаннат беҳтар ва осонтар аз роҳи хонаи дунёяш пайдо мекунад». (*Саҳеҳи Бухорӣ, №2440*).

Ин ба он маъност, ки мӯъминон ҳангоми рафтан ба сӯйи хонаҳо ва манзилҳои ҷаннатии худ, ҳаргиз роҳро гум намекунанд ва онҳоро хеле тезтар ва хубтар аз хонаҳои дунёияшон пайдо менамоянд.

Аҳли ҷаннат пас аз гузаштан аз пули Сирот дар ин ҷо боздошт мешаванд, то ҳаққи мазлумон аз золимон гирифта ва супорида шавад. Онҳо дар ҳоле ба Ҷаннат дохил мегарданд, ки дар дилҳояшон нисбат ба якдигар ҳеҷ гуна кина, адоват ва бадбинӣ боқӣ намонда бошад. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

«**Ва он чӣ аз кинаву душманӣ (ки дар дунё доштанд) аз синаҳояшон берун мекашем, дар ҳоле ки бародарона бар тахтҳо рӯ ба рӯйи ҳам қарор мегиранд**». (*Сураи Ҳиҷр, ояти 47*).

- Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд:

«Касе, ки дар ҳаққи бародараш (дар обрӯ ё моли ӯ) зулме карда бошад, ҳамин имрӯз (дар дунё) аз ӯ бахшиш бихоҳад ва онро ҳалол кунад, пеш аз он ки рӯзе (Қиёмат) фаро расад, ки дар он ҷо на динор (пули тилло) ҳасту на дирҳам (пули нуқра). Дар он рӯз, агар шахси золим амали солеҳ ва савоб дошта бошад, ба андозаи зулмаш гирифта ба мазлум дода мешавад ва агар савобе надошта бошад, аз гуноҳу бадиҳои шахси мазлум гирифта, бар дӯши золим бор карда мешавад (ва ба дӯзах андохта мешавад)». (*Саҳеҳи Бухорӣ, №2449*).

- Имом Аҳмад ва Имом Ҳоким аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ ва ӯ аз Абдуллоҳ ибни Унайс (разияллоҳу анҳум) ҳадиси марфӯъеро (ҳадисе, ки сухани худи Паёмбар аст) ривоят кардаанд, ки Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд:

«Барои ҳеҷ кас аз аҳли ҷаннат лоиқ ва раво нест, ки вориди Ҷаннат гардад ва барои ҳеҷ кас аз аҳли дӯзах лоиқ нест, ки вориди дӯзах шавад, дар ҳоле ки бар гарданаш зулме (ҳаққи мардум) бошад, то ин ки Мо қасоси онро бигирем; ҳатто агар он зулм як торсакӣ (мушт ё латма) ҳам бошад».

Саҳобагон гуфтанд: *«Эй Расули Худо! Чӣ гуна қасос гирифта мешавад, ҳол он ки мо дар рӯзи Қиёмат пойлуч, бараҳна ва бе ҳеҷ молу чизе маҳшур (ҷамъ) мешавем? (Яъне чӣ гуна он ҳуқуқро адо мекунем, ҳол он ки бо худ чизе надорем, ки ба онҳо бидиҳем?)»*.

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: *«Қасос бо некиҳо ва бадиҳо (ҳасанот ва саййиот) сурат мегирад»*.

(Сарчашма: Муснади Имом Аҳмад, №16042, Мустадраки Ҳоким, №8695. Ҳофиз Ибни Ҳаҷар дар «Фатҳул-борӣ», ҷилди 1, саҳифаи 398 исноди онро ҳасан донистааст).

Маънои ҳадис ин аст, ки дар он ҷо аз некиҳои шахси золим гирифта ба мазлум дода мешавад, ки дар натиҷа мазлум ба манзилати баландтари Ҷаннат ноил мегардад ва дараҷаи золим поин меояд. Ва агар савобе надошта бошад, бадиҳои мазлум бар дӯши золим бор карда мешавад.

Бинобар ин, барои инсони оқил лоиқ нест, ки худашро яккатоз бидонад ва дунёро бесоҳибу бедарвоза пиндор кунад. Касе, ки дар қайди ҳаёт аст, бояд бидонад, ки ҳал кардани ҳаққи мардум дар ин дунё бениҳоят осонтар аз охират

аст. Зеро он чизе, ки мо имрӯз дар дунё шармандагӣ ва пастӣ гумон мекунем, дар охират ба чандин дараҷаҳо вазнинтар, бадтар ва ҳалокатбортар хоҳад буд.



ҶАННАТ

Бинои ҷаннат:

Хиштҳои бинои ҷаннат яке аз нукра ва дигаре аз тилло аст ва гиле (малоте), ки хиштҳоро ба ҳам пайванд мекунад, аз мушки хушбӯй мебошад. Сангрезаҳои он аз марвориду ёқут ва хоки он аз заъфарон аст. Касе, ки дар як рӯз дувоздаҳ ракаат намозҳои суннати муаккадаро бигузорад, барои ӯ хонае дар Ҷаннат бино карда мешавад.

Дарвозаҳои Ҷаннат:

Ҷаннат ҳашт дарвоза дорад. Яке аз онҳо **Райён** ном дорад, ки аз он ҷуз рӯзадорон каси дигаре ворид намешавад. Паҳноии ин дарвозаҳо ба андозаи се рӯза роҳи савораи тезрав аст ва рӯзе хоҳад омад, ки аз зиёдии мардум дар онҷо издиҳом шавад. *Худованд моро низ аз ворид шудан ба ин дарвозаҳо бенасиб нагардонад. Омин.*

Дараҷаҳои Ҷаннат:

Дар Ҷаннат сад дараҷа аст, ки масофаи байни ҳар ду дараҷа ба монанди фосилаи байни осмон ва замин аст. **Фирдавс** олитарин ва баландтарин дараҷаи Ҷаннат мебошад, ки дарёҳои ҷаннат аз он ҷӯш зада ҷорӣ мешаванд ва аз болои он Арши Худои Раҳмон қарор дорад.

Наҳрҳои (дарёҳои) Ҷаннат:

Дар Ҷаннат ҷӯйборҳо ва дарёҳо аз оби софу зулол, аз шири тағйирнаёбанда, аз шароби (хамри) болаззат барои

нӯшандагон ва дарёе аз асали мусаффову пок мавҷуданд. Инчунин дарёи **Кавсар** ба Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) тааллуқ дорад, ки оби он аз шир сафедтар ва аз асал ширинтар аст. Дар атрофи он паррандаҳое ҳастанд, ки гарданҳояшон ба монанди гардани шутурон (бузургу гӯштӣ) аст.

Дарахтони Ҷаннат:

Дар Ҷаннат дарахте ҳаст, ки савора дар зери сояи он сад сол ҳаракат кунад ҳам, сояаш хотима намеёбад. Дарахтони биҳишт ҳамеша сабзу пурмаҳсул буда, меваҳояшон наздик ва дастрасии онҳо бениҳоят осон аст.

Хаймаҳои Ҷаннат:

Дар Ҷаннат хаймаҳое аз як марвориди ягонаи ковок (дарунхолӣ) мавҷуданд, ки паҳноии он шаст мил мебошад. Дар ҳар гӯшаи он ҳамсароне ҳастанд, ки мӯъмин ба наздашон меравад ва онҳо якдигарро намебинанд (яъне хаймаҳо бениҳоят васеъанд).

Сифатҳои аҳли Ҷаннат:

Биҳиштиён дар бадану сурати худ мӯйи зиёдатӣ ва риш надоранд[17], чашмонашон табиатан сурмакашида буда, беаниҳоят соҳибҷамолу зебоянд. Ҷавонии онҳо абадӣ аст ва либосҳояшон ҳаргиз кӯҳна намешавад. Гурӯҳи аввале, ки вориди ҷаннат мешаванд, симояшон ба монанди моҳтоби шаби чордаҳум медурахшад. Онҳо бавлу ғоит (пешобу наҷосат) намекунанд, оби бинӣ ва туф надоранд.

[17] *«Аҳли ҷаннат ба ҷаннат ворид мешаванд, дар ҳоле ки **ҷурд** (бе мӯйи бадан), **мурд** (бе ришу мӯйи сурат) ва чашмонашон сурмакашида буда, ҳамагӣ сиву сесола мебошанд». (Ин ҳадисро Имом Тирмизӣ таҳти рақами 2545 ривоят карда, онро «Ҳасани саҳеҳ» номидааст. Инчунин Имом Аҳмад дар «Муснад», №22104 ривоят кардааст).*

Шонаҳояшон аз тилло буда, арақи баданашон бӯйи мушк медиҳад ва ҳезуми оташдонҳои хушбӯии онҳо аз чӯби уданбар (уд, ки барои хушбӯист) аст.

Занҳои аҳли Ҷаннат (Ҳурони Айн):

Агар зане аз занони биҳишт ба сӯйи замин назар кунад, масофаи байни замину осмонро рӯшан месозад ва онро аз бӯйи хуш пур мегардонад. Аз шиддати латофату зебоӣ, мағзи устухони соқи пои ӯ аз пушти гӯшту либосаш намоён мешавад. Рӯймол ва сарбанди (химори) ӯ бар рӯйи сараш, аз дунё ва он чӣ дар он аст, беҳтар ва пуразиштар мебошад.

АВВАЛИН КАСОНЕ, КИ ВОРИДИ ҶАННАТ МЕШАВАНД

Аввалин шахс: Паёмбарамон Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аввалин касе аст, ки дарвозаи ҷаннат ба рӯйи ӯ боз мешавад ва аз уммати ӯ аввалин касе, ки ворид мегардад, Абубакри Сиддиқ (разияллоҳу анҳу) аст.

Се гурӯҳи аввалини воридшаванда:

Шаҳид: Касе, ки дар роҳи Худо ҷони худро фидо кардааст.

Покдоман: Шахси иффатманд ва покдомане, ки худро аз ҳаром нигоҳ дошта ва аёлу фарзандони худро низ бо ризқи ҳалол таъмин намудааст.

Бандаи солеҳ (Бандаи мамлук): Бандае, ки ибодати Аллоҳро ба беҳтарин сурат анҷом дода ва ҳаққи сардорону хоҷагони худро низ ба хубӣ адо карда, устувор ва хайрхоҳ будааст.

(Инсон ба хотири тарс ё манфиати дунёӣ гоҳҳо ҳалокати роҳбарашро мебинад, вале хомӯш мемонад; аммо

касе, ки нақоти роҳбари худ дар дунёву охиратро муҳим дониста, аз манфиати шахсӣ наметарсад ва ҳаққи Худоро муқаддам медорад, сазовор аст, ки аз аввалинҳо шуда вориди ҷаннат гардад).

НЕЪМАТҲОИ ОХИРИН ШАХСИ БИҲИШТӢ

Ба охирин касе, ки аз дӯзах нақот ёфта, вориди Ҷаннат мешавад, аз ҷониби Худованд гуфта мешавад: «Орзу ва таманно кун!». Вақте ӯ тамоми хоҳишҳояшро баён мекунад, ба ӯ гуфта мешавад: «Барои туст он чӣ таманно кардӣ ва даҳ баробари ин дунё!».

Дар ин дунё ҳеҷ подшоҳе молики аслии тамоми рӯйи замин нагаштааст, вале охирин шахси биҳиштӣ соҳиби миқдоре мешавад, ки даҳ баробари тамоми ин дунё ва он чӣ дар он аст, арзиш дорад.

ПЕШВОЁНИ АҲЛИ ҶАННАТ

Пешвои пирон (бузургсолон)-и ҷаннат: Абубакр ва Умар (разияллоҳу анҳумо) мебошанд.

Пешвои ҷавонони ҷаннат: Ҳасан ва Ҳусайн (разияллоҳу анҳумо) ҳастанд.

Пешвоёни занони ҷаннат: Хадиҷа бинти Хувайлид (разияллоҳу анҳо), Фотима бинти Муҳаммад (разияллоҳу анҳо), Марям духтари Имрон ва Осия бинти Музоҳим (ҳамсари Фиръавн) мебошанд.

ХИДМАТГОРОНИ АҲЛИ ҶАННАТ

Хидматгорони биҳиштиён кӯдакони ҷовидонае (**Вилдонун мухалладун**) ҳастанд, ки умру сини онҳо ҳаргиз зиёд намешавад. Вақте онҳоро мебинӣ, аз зебоиву

дурахшиш ба монанди марвориди пароканда ба назар мерасанд, ки барои анҷом додани ҳоҷатҳои сардоронашон ба ҳар тараф бо суръат ҳаракат мекунанд.

ДИДОРИ РӮЙИ МУБОРАКИ АЛЛОҲ ТАЪОЛО

Бузургтарин ва олӣтарин неъмате, ки ба аҳли Ҷаннат дода мешавад, ин назар кардан ба Рӯйи мунаввар ва мубораки Аллоҳ Таъоло мебошад.

Худованд мефармояд:

«Рӯйҳое дар он рӯз тару тоза ва дурахшонанд, ки ба сӯйи Парвардигорашон назар мекунанд». (*Сураи Қиёмат, оятҳои 22-23*).

ҶОВИДОНАГӢ (АБАДИЯТ БИДУНИ МАРГ)

- Аллоҳ Таъоло мефармояд:

«Аммо касоне, ки некбахт шуданд, дар биҳиштанд ва то осмонҳо ва замин ҳаст, дар он ҷовидонанд; магар он чӣ Парвардигори ту бихоҳад, ки ин бахшише қатънашаванда ва бепоён аст». (*Сураи Ҳуд, ояти 108*).

- **Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд:**

«Вақте Худованд аҳли ҷаннатро ба Ҷаннат ва аҳли дӯзахро ба дӯзах дохил мекунад, маргро (ба сурати гӯсфанди ало) меоваранд ва онро бар рӯйи деворе (аъроф), ки дар байни ҷаннат ва дӯзах аст, нигоҳ медоранд.

Сипас (фариштае) нидо мекунад: «Эй аҳли Ҷаннат!». Онҳо бо тарс ва нигаронӣ (аз ин ки мабодо амри баде бошад) ба он тараф назар мекунанд. Баъд аз он нидо мешавад: «Эй аҳли дӯзах!». Онҳо ба гумони шунидани хабари хуш ва бо умеди шафоат ба он тараф назар меафкананд.

Пас, ба аҳли Ҷаннат ва аҳли дӯзах гуфта мешавад: «Оё инро мешиносед?». Ҳамагӣ мегӯянд: «Бале, онро шинохтем, ин ҳамон марг аст, ки (дар дунё) бар мо муваккал (маъмур) шуда буд». Он гоҳ марг хобонда мешавад ва бар рӯйи ҳамон девори байни ҷаннат ва дӯзах забҳ (сар бурида) мегардад.

Баъд аз он (баланд) гуфта мешавад: «Эй аҳли Ҷаннат! Ҷовидонед ва дигар марге нест! Ва эй аҳли дӯзах! Ҷовидонед ва дигар марге нест!»».

(Сарчашма: Саҳеҳи Муслим, №2849. Асли ин ҳадис дар Саҳеҳи Бухорӣ, №4730 низ бо андаке тафовути лафзӣ омадааст).

ХОТИМА

Бародар ва хоҳари азизи хонанда!

Пас аз ин гаштугузори имонӣ дар марҳалаҳои ҳаёти инсон ва саёҳати ухравӣ, аз Худованди Азза ва Ҷалла талаб дорем, ки амалҳои солеҳи моро қабул фармояд, моро бар Ислом собитқадам бидорад ва аз ҷумлаи бадбахтони маҳруммонда нагардонад. Ва дуо мекунем, ки аз он гурӯҳе бошем, ки Худованд андӯҳу ғамро дар рӯзи Қиёмат аз онҳо дур сохтааст:

«Ва (биҳиштиён) мегӯянд: «Ҳамду сано Худоеро, ки андӯҳро аз мо дур сохт. Ба дурустӣ ки Парвардигори мо бисёр мағфираткунанда ва қадрдон (шакур) аст. Он Худое, ки аз фазлу карами хеш моро ба ин сарои ҷовидон (Ҷаннат) даровард, ки дар ин ҷо ҳеҷ ранҷ ва хастагие ба мо намерасад». *(Сураи Фотир, оятҳои 34-35).*

Ҳамчунин аз Ӯ Субҳонаҳу ва Таъоло мехоҳем, ки ҳамаи андеша, диққат ва таваҷҷӯҳи моро ба охират нигаронад. Имом Ибни Қаййими Ҷавзӣ (раҳимаҳуллоҳ) дар китоби «Ал-Фавоид» фармудааст:

«Вақте банда субҳона бармехезад ва ба шом мерасад ва дар дили ӯ ҷуз андешаи Аллоҳи Ягона дигар ғам ва фикре набошад, Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло тамоми ҳоҷатҳои ӯро ба дӯши Худ мегирад, ҳар чизе, ки боиси нигаронии ӯст, аз сараш бармедорад, дилашро танҳо барои муҳаббати Худ холӣ месозад, забонашро ба зикри Худ ва аъзои баданашро ба тоату бандагии Худ машғул мегардонад.

Аммо агар субҳ барҳост ва ба бегоҳ даромад, дар ҳоле ки андеша ва фикри ӯ танҳо дунё бошад, Худованд тамоми андешаҳо, ғамҳо ва сахтиҳои дунёро бар дӯши ӯ бор мекунад ва ӯро ба худаш вогузор менамояд. Дар натиҷа, дили ӯро аз муҳаббати Худ маҳрум сохта, ба муҳаббати махлуқот машғул месозад, забонашро аз зикри Худ ба зикри мардум мебарад ва аъзои баданашро аз тоати Худ ба хидмату корҳои мардум машғул мегардонад. Пас, мебинӣ, ки ӯ дар пайи дунё чунон машаққату ранҷ мекашад, ба монанди машаққат ва давидани ҳайвоноти ваҳшӣ (дар биёбон)».

Худованд мефармояд:

«Ва касе, ки аз ёди (Худои) Раҳмон худро ба кӯрӣ бизанад (ва рӯй гардонад), шайтонеро бар ӯ мегуморем, то ҳамвора ҳамнишину қарини ӯ бошад!». *(Сураи Зухруф, ояти 36)*.

Ва саллаллоҳу ва саллама ало набиййина Муҳаммадин ва ало олиҳи ва саҳбиҳи аҷмаъин. Валҳамду лиллоҳи Рабби-л-ъоламин.

ФАВОИД ВА НАТИҶАҲО

Хондан ва донистани пайроҳаи охират (аз қабр то Ҷаннат) барои инсон фоидаҳои бузурги маънавӣ ва тарбиявӣ дорад:

1. **Бехабариро аз байн мебарад:** Инсонро аз хоби ғафлат ва саргармиҳои беҳудаи дунё бедор мекунад.
2. **Имон ва тақворо мустаҳкам месозад:** Фаҳмидани сахтиҳои Ҳашру Сирот ва неъматҳои ҷаннат дилро нарм карда, муҳаббати Худоро меафзояд.
3. **Ахлоқро ислоҳ мекунад:** Касе, ки аз марҳалаи Қантара (покизагӣ аз ҳаққи мардум) огоҳ аст, ҳеҷ гоҳ ба номус, мол ва обрӯйи дигарон таҷовуз намекунад.
4. **Сабр ва оромӣ мебахшад:** Инсон мефаҳмад, ки сахтиҳои дунё гузароанд ва мукофоту адолати аслӣ дар пеш аст.

ПАС ЧӢ БОЯД КАРД? (ТӮШАИ ИН САФАР)

Барои он ки дар ин сафари бузург наҷот ёбем, бояд мувофиқи дастурҳои зерин амал намоем:

- **Тавбаи содиқона:** Ҳамеша аз гуноҳон тавба кардан ва бо пушаймонӣ ба сӯйи Худованд баргаштан.
- **Ихлос дар ибодат:** Намоз, рӯза ва дигар ибодатҳоро танҳо барои ризогии Аллоҳ ва бе риёву худпасандӣ адо кардан.
- **Адои ҳаққи бандагон (ҳуқуқулъибод):** Ба ҳеҷ кас озор нарасонидан, аз мазлумон бахшиш пурсидан ва ҳаққи мардумро (ки бар гардани банда аст) баргардонидан.
- **Сайъ дар корҳои хайр:** Анҷом додани садақаи ҷория, кӯмак ба ниёзмандону бенавоён ва паҳн кардани илми боманфиат.
- **Зикри мудовам:** Дилро бо ёди Худованд ва тафаккур дар бораи марг ҳамеша зинда нигоҳ доштан.

Хулоса: Ин навиштаҳо на танҳо хабар аз оянда, балки нақшаи наҷоти ҳар як инсон аст. Биёед, пеш аз он ки номаи

аъмоли мо баста шавад, саҳифаҳои онро бо амалҳои солеҳ пур кунем!

Дар ин замина бояд ба ёд дошта бошем, ки номаи аъмоли мо ҳамон китобест, ки ҳар яке аз мо ҳар рӯз ва ҳар лаҳза онро таълиф (иншо) мекунем. Нависандаи он китоби бузург худи мо ҳастем. Пас, ҳар як аз мо бояд барҳазар бошад, ки ин китоб хонданбоб ва ибратбахш биёяд. То рӯзе, ки ин китоб пас аз ҷузъбандӣ (саҳҳофӣ) шудан ба дасташ дода мешавад, бо шодӣ фарёд занад:

«Эй мардум! Биёед, ин китоби маро бихонед!». *(Сураи Ҳоққа, ояти 19)*.

Ӯ бо сарбаландӣ мегӯяд, ки ин таълифаш назди Аллоҳ Таъоло пазируфта шуда ва баҳои хуб, ки ҳамон ризомандии Илоҳӣ ва Ҷаннат аст, ба ӯ дода шудааст.

Набояд китобе таълиф кунем, ки дар ниҳоят аз шарми он натавонем сари худро ва ҳатто комилан вуҷуди худро пинҳон кунем ва аз рӯйи ҳасрат бигӯем: «Эй кош, ин китоби маро ба ман намедоданд!». Зеро он китобе хоҳад буд, ки Аллоҳ Таъоло онро напазируфта ва аз он хушнуд нашудааст. Инсон дар натиҷаи ин таълифи нодурусти худ мегӯяд: «Эй вой! Кош ин китоб ба ман дода намешуд! Имрӯз на молам ба ман фоидае мерасонад — моле, ки тамоми қисматҳои китобам ба ҷамъ кардани он бахшида шуда буданд, — ва на қудрату мансабам, ки тамоми умр онро сохтам ва дар ин китоб дарҷ кардам, ба корам омад!».

Ҳамон гуна ки барои навиштани ҳар мақола ва китобе пеш аз шурӯъ нақшае кашида мешавад, то муаллиф ба мақсади худ бирасад, пас биёед нақшаи ин «**КИТОБИ УМР**»-ро хуб бикашем. Онро чунон бинавесем, ки хонданӣ бошад ва Аллоҳ Таъоло аз он розӣ гардад.

Барои ҳамаи мову шумо дар навиштани ин шоҳасари ҳаёт аз Аллоҳ Таъоло тавфиқу муваффақият мехоҳам. Биёед, барои ҳамдигар дуогӯ ва хотиррасонкунандаи хайр бошем!

Ва саллаллоҳу ва саллама ало набиййина Муҳаммадин ва ало олиҳи ва саҳбиҳи аҷмаъин.

ФЕҲРЕСТ

- Нақшаи оянда.....2
- Ба ҷои сарсӯхан.....3
- Қабр.....7
- Дамидани дар сур.....11
- Баъс – барангехтан.....15
- Ҳашр.....18
- Шафоъат.....34
- Ҳисоб.....38
- Пароканда шудани саҳифаҳо (номаи аъмол).....42
- Мизон – тарозӯ.....45
- Ҳавз.....48
- Имтиҳони мӯъминон.....51
- Сирот.....55
- Оташи дӯзах.....60
- Қантара.....64
- Ҷаннат.....68
- Ҷовидонагӣ (Абадият бидуни марг).....73
- Хотима.....75
- Фавоид ва натиҷаҳо.....77
- Пас чӣ бояд кард? (Тӯшаи ин сафар).....77
- Феҳрест.....80

МАСИРИ ҲАЁТИ ИНСОН ВА МАРҲАЛАҲОИ САФАРИ ОХИРАТ



1 ДУНЁ
(Марҳалаи аввал — Имтиҳон)
Сафари ҳамаи инсонҳо аз ин ҷо огоз мешавад.



2 ҚАБР
(Марҳалаи аввали Барзах)
Ҷойи санҷиши аввалин ва интизории қиёмат.



3 ДАМИДАН ДАР СУР ВА БАЪС
Огози рӯзи қиёмат ва зиндашавии дубораи бандагон.

ЗАМИНИ МАҲШАР



1 Ҳисобу китоб
Санҷиши аъмоли бандагон ва Шафоати Паёмбар (с).



2 Парвози саҳифаҳо
Супоридани номаи аъмоли бандагон.



3 Мизон
Тарозуи бузурги баробаркунии некиҳо ва бадиҳо.



4 Ҳавз
Ҳавзи Каксар барои ташнагон.



5 Имтиҳони муъмин
Саромад ва чудошави бандагони солеҳ аз мунофиқон.

СИРОТ (Пул)



Масири якум (Муъминон)
Гузаштани муъминон бо суръатои гуногун бар асоси амалҳояшон.

Масири дувум (Кофирон ва Мунофиқон)
Афтодани кофирон ва мунофиқон мустақим ба сӯйи **ДӮЗАХ**.



6 ҚАНТАРА
(Пули охирини поксозии дилҳо аз кина ва ҳаққи мардум)

ОҚИБАТҲО



ОҚИБАТИ БАД
Дарвозаи ниҳоӣ:
ДӮЗАХ



ОҚИБАТИ НЕКӮ
Ҷойи абадӣ ва дурахшони муъминони оқил.
Дарвозаи ниҳоӣ:
ҶАННАТ